ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ ШӮРООБОД

# ҚАРОР

Тел: (83319) 2 – 11 – 48, 2 – 11 – 24, факс: 2-20-03, 2-11-27 сом: info@shuroobod.tj

Аз «28» сентябри соли 2015 №107 д.Шӯрообод

Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯроободи вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020

Мутобиқи моддаҳои 8, 9 ва 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи сеюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шӯрообод (даъвати панҷум)

ҚАРОР МЕКУНАД:

1.Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯроободи вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Муовини якум, муовинон ва роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия, мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ, раисони ҷамоатҳои деҳоти ноҳия дар амалӣ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯроободи вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 дар ҳамкори бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, агентиҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, созмонҳои байналмилалӣ, сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ намоянд.

3.Сардори раёсати молияи ноҳия, мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамасола дар таҳияи буҷети ноҳия иҷроиши самараноки Барномаи мазкурро ба эътибор гиранд.

4.Муовини раиси ноҳия оид ба масъалаҳои буҷет, сохтмон, савдо, нақлиёт, роҳ, алоқа, меҳнат ва хизмати коммуналӣ вазифадор карда шавад, ки аз рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳар сол моҳи декабр дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҳисобот манзур намояд.

5.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия "Оид ба масъалаҳои буҷет, сохтмон, савдо, нақлиёт, роҳ, алоқа, меҳнат ва хизмати коммуналӣ" ва муовини соҳавии раиси ноҳия вогузор карда шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони халқи
ноҳияи Шӯрообод А. Икромзода

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ
ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ШӮРООБОД

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ШӮРООБОД

## барои солҳои 2016-2020

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот ............ 5**
**Пешгуфтор ............ 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ**
**ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ ............ 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ............ 13**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ............ 13
2.2. Соҳаи саноат. ............ 19
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ............ 23

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ............ 28**
3.1. Соҳаи маориф ............ 28
3.2. Соҳаи тандурустӣ ............ 32
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ............ 36
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ............ 40
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ............ 41

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ............ 44**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ............ 44
4.2. Хадамоти рифоҳӣ ............ 45
4.3. Таъмини барқ ............ 47
4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ............ 48
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ............ 49

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ............ 50**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ............ 50
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда,
пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ............ 51

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ............ 56**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ............ 60**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Шӯрообод аз рӯи соҳаҳо ............ 61**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВНМО | Вируси норасоии масъунияти одам |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| КПМО | Кумитаи падару модарон ва омӯзгорон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МИХД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| МНДСЭ | Муассисаи назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ |
| МДНРА | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард |
| НБО | Нерӯгоҳи барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| СХ | Сармояи хориҷӣ |
| СД | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ҶСП | Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида |
| ҶДММ | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд |

# ПЕШГУФТОР

Шӯрообод ноҳияи аграрӣ буда, аҳолии он асосан ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати вилояти Хатлон ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ маҳсуб меёбад. Ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилоят, аз ҷумла ғалла 14,6%, картошка 0,3%, сабзавот 0,21%, меваҷот 1,1%, шир 2,1%, гӯшт 1,7%, пашм 2,9% ва асал 1,62 фоизро ташкил медиҳад. Табиати хушманзара, иқлими мувофиқ, ландшафти зебои ноҳия ва мавҷудияти кофии қувваи корӣ, барои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар қаламрави ноҳия захираҳои канданиҳои фоиданок аз ҷумла, тилло, намак ва ангиштсанг мавҷуданд.

Дар раванди таҳияи Барномаи рушди ноҳияи Шӯрообод, талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/3, аз 12 январи соли 2009) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (“Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола”, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015”) ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи кории ноҳия, ки бо Амри Раиси ноҳияи Шӯрообод тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он коршиносон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ҳадафи асосии Барномаи тарҳрезигардида, таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси коркарди саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи зикргардида, ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ, самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

Ба Барномаи рушди ноҳияи Шӯрообод 141 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 170669 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 42 лоиҳа бо маблағи 71622 ҳаз. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 60 лоиҳа бо маблағи 45050 ҳаз. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 35 лоиҳа бо маблағи 45032 ҳаз. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 1 лоиҳа ба маблағи 1000 ҳаз. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда ва 3 лоиҳа бо маблағи 7965 ҳаз. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Тақсимоти маблағҳои*
*“Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯрообод барои солҳои 2016-2020”*
*аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 10210 | 1440 | 550 | 1010 | 2300 | 4290 |
| Саноат ва соҳибкории хурду миёна | 11912 | 2520 | 1122 | 4690 | 815 | 2565 |
| Сохтмон | 49500 | 18700 | 9100 | 9100 | 8100 | 4500 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 71622 | 22660 | 10772 | 14800 | 11215 | 11355 |
| Маориф | 22100 | 2850 | 6750 | 6950 | 3750 | 1800 |
| Тандурустӣ ва хифзи ичтимоӣ | 18580 | 1900 | 5500 | 6580 | 3400 | 1200 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 4370 | 500 | 1000 | 1130 | 900 | 300 |
| Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ | 45050 | 5250 | 13250 | 14660 | 8050 | 3300 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 3790 | 0 | 0 | 140 | 200 | 0 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 17022 | 582 | 620 | 0 | 0 | 0 |
| Барқтаъминкунӣ | 2500 | 450 | 600 | 150 | 0 | 0 |

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нақлиёт ва коммуникатсияҳо | 21720 | 2345 | 7445 | 7050 | 1950 | 0 |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 45032 | 3377 | 8665 | 7340 | 2150 | 0 |
| Ҳолатҳои фавқулодда | 1000 | 500 | 500 | 0 | 0 | 0 |
| Таъминоти захиравӣ | 7965 | 30 | 2030 | 3030 | 2865 | 10 |
| Ҳамагӣ арзиши БРН Шӯрообод | 170669 | 31817 | 35217 | 39830 | 24280 | 54275 |

Барои татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯрообод барои солҳои 2016-2020", аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ **170,6 млн. сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла, аз ҳисоби:

Буҷети ҷумҳуриявӣ 92512 ҳаз. сомонӣ;

Буҷети маҳаллӣ (вилоят 2160 ва ноҳия 605) - 2765 ҳаз. сомонӣ;

Маблағҳои худии соҳибкорон, аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо 33322 ҳаз. сомонӣ;

Сармоягузориҳои хориҷӣ 10460 ҳаз. сомонӣ.

Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян 31610 ҳаз. сомониро ташкил медиҳанд.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ШӮРООБОД

## 1.1 Сохти маъмурӣ-ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Шӯрообод дар қисмати ҷанубӣ-шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соҳили дарёи Панҷ ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии ноҳия 2,3 ҳазор км² –ро ташкил медиҳад, дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, дар шимолу ғарб бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (154 км) (ноҳияи Дарвоз), аз шимол ба ноҳияи Мӯъминобод, аз ғарб бо шаҳри Кӯлоб ва аз ҷануб бо ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамсарҳад аст.

Масофа аз маркази ноҳия то шаҳри Кӯлоб 32 км, то Қурғонтеппа 197 км ва то шаҳри Душанбе 237 км-ро ташкил медиҳад. Ноҳия 0,9% ҳудуди умумии вилояти Хатлонро ишғол менамояд.




Шумораи аҳолии ноҳияи Шӯрообод ба ҳолати 1 январи соли 2015 - 49800 нафарро, аз ҷумла 49% занҳо ва 51% мардон, ташкил медиҳад. Ба ҳайати ноҳия 7 ҷамоат шомиланд: Шӯрообод, Доғистон, Чагам, Саричашма, Нуриддин Маҳмудов, Даштиҷум ва Лангардара. Маркази ноҳия деҳаи Шӯрообод ба ҳисоб меравад.

## 1.2. Маълумоти фарҳангӣ ва таърихӣ

Таърихи ташаккули ноҳияи Шӯрообод ҳанӯз ҳам ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Вале бозёфти олоту асбобҳои қадима аз ҷониби шаҳрвандон ва номи қадимаи баъзе деҳаҳо

(Дашти Ҷом, Нӯшорак, Лиҷун, Нуриддин Маҳмудов, Порвор, Ғринг, Миршикорон, Эскикӯлоб) гувоҳионанд, ки диёри имрӯзаи Шӯрообод таърихи қадима дорад.

Охири асри XIX ва аввали асри XX дар ҳудуди имрӯзаи ноҳия шоҳигариҳои Болодара (Дараи Боло), Поёндара (Дараи поён ё худ Шоҳон), Кишт, Тангноб, Нуриддин Маҳмудов, Сари Ғор, Давлатобод ва амлокдории Сарчашма мавҷуд буданд, ки ба ҳайати бекигарии Кӯлоб дохил мешуданд, ки аҳолии он асосан ба боғдориву чорводорӣ машғул буд ва ин омил рушди ояндаи ноҳияи Шӯрообoдро муайян намуд.

Дар ибтидои таъсисёбиаш ноҳия *мулкӣ* ё *дашти Терай* («Терай») ном дошт, он 16 Шӯрои ҷамоат ва 204 деҳаро дар бар мегирифт. Аввалин маркази ноҳия Хоҷағалтон интихоб гардида, баъдан марказ ба деҳаи Шӯрообод, ки нав таъсис ёфта буд, кӯчонида шуд. 23 ноябри соли 1930 бо қарори Кумитаи иҷроияи марказии РСС Тоҷикистон ноҳия Шӯрообод номгузорӣ шуд. Дар солҳои 1950-1956 аҳолии 76 деҳот ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ муҳоҷир карда шуданд. Бо мурури замон ин ба аз байн рафтани қисми зиёди деҳот оварда расонид. Тибқи маълумоти расмӣ дар соли 1952 ноҳияи Шӯрообод дорои 7 шӯрои деҳот ва 113 деҳа буд. 14 марти соли 1959 бо фармони Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон ноҳияи Шӯрообод барҳам дода шуда, ба ноҳияи Маскав ҳамроҳ карда шуд. Дар соли 1974 Шӯрои деҳаи Шӯрообод ба ноҳияи Ленинград гузаронида шуд (то соли 1991). 26 феврали соли 1991 бо қарори сессияи панҷуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ноҳияи Шӯрообод аз нав таъсис дода шуд.

**1.3. Шароит ва захираҳои табииву иқлимӣ**

Минтақаи кӯҳии ноҳия аз қаторкӯҳҳои Ҳазрати Шоҳ иборат буда, маркази ноҳия дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад. Баландии қаторкӯҳҳои ноҳия 2500-3000 метрро ташкил медиҳад.

Дар минтақаи Терай иқлими мӯътадил ҳукмфармост. Ҳарорати ҳаво дар фасли зимистон ба ҳисоби миёна -10-20 $C^0$ дар баландкӯҳҳо -20 то -25 $C^0$ хунук ва тобистон аз +30 $C^0$ то +35 $C^0$ гарм мешавад. Миқдори боришот ба ҳисоби миёна 400-500 миллиметрро ташкил медиҳад. Дар фаслҳои тирамоҳу зимистон аз тарафи шимол ва ҷанубу шарқ бодҳои афғонӣ бо суръати баланд мевазанд.

Дар Даштиҷум ва Саричашма иқлими субторипикии хушк ҳукмфармост. Дар фасли тобистон ҳарорат +30 +40 $C^0$ ва дар зимистон то -5 $C^0$ мерасад. Миқдори боришот ба 250-300 миллиметр баробар аст.

Дар қисмати шарқии ноҳия дарёи Панҷ равон аст (бо масофаи 154 км). Яке аз дарёҳои пуроби ноҳия Оби Ниёв ба шумор меравад (бо масофаи 70 км), ки аз қисмати шимолии Даштиҷум, аз кӯҳи Болодара сарчашма мегирад ва ба дарёи Панҷ ҳамроҳ мешавад. Иқлими мусоид ва заминҳои ҳосилхез имкон медиҳанд, ки хоҷагии қишлоқ ва боғдорӣ рушду нумӯ кунанд. Дар ноҳия себ, тут, чормағз, анор, зардолу, нок ва ангур парвариш карда мешаванд.

Олами набототи ноҳия бағоят ғанист. Дар минтақаи даштӣ растаниҳои мавсимӣ ва буттаҳои гуногун месабзанд. Дар қисмати субтропикӣ бошад, дарахтҳои пиставу бодом, буттаи дӯлона, дарахти анор, шакунг, амрут, қаюм, себ, анҷир, олуча, гелос, нок, арғувон, хубак, арча, бушол, заранг, фарк, балар, орич, ирғай ва ғайраҳо мерӯянд.

Ноҳия аз канданиҳои фоиданок низ бой аст. Дар қисмати шарқии ноҳия (қарияи Тагноб) конҳои кушодаи ангиштсанг, намак ва кони азхудкарданашудаи тилло (Сариғор) мавҷуданд. Инчунин дар тамоми ҳудуди ноҳия конҳои пошхӯрдаи тилло ба назар мерасанд. Аз рӯи маълумоти геологӣ, ангиштсанги маҳаллӣ сифати хуб дошта, хокистари он ҳамагӣ 5-8 фоизро ташкил медиҳад. Танҳо захираҳои кони «Тагноб» 88 ҳазор тоннаро ташкил медиҳанд.

**1.4. Вазъи демографии ноҳия**

То 1 январи соли 2015 аҳолии ноҳия 49800 нафарро ташкил медиҳад, ки ба 1,7 фоизи аҳолии вилояти Хатлон ва 0,6 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ баробар аст. Аз шумораи умумии аҳолӣ 50,9 фоизро мардҳо (25348 нафар) ва 49,1 фоизро занҳо (24452 нафар) ташкил медиҳанд.

*Аҳолии ноҳияи Шӯрообод аз рӯи ҷамоатҳо ба ҳолати 01.01.2015*

| Ҷамоатҳо | Шумораи деҳот | Шумораи оилаҳо/хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|---|
| Шӯрообод | 21 | 1326 | 10304 |
| Доғистон | 8 | 887 | 6628 |
| Нуриддин Маҳмудов | 10 | 832 | 6431 |
| Даштиҷум | 18 | 605 | 4691 |
| Лангардара | 24 | 612 | 4041 |
| Чагам | 10 | 770 | 5787 |
| Сариҷашма | 27 | 1523 | 11918 |
| Ҳамагӣ: | 117 | 6555 | 49800 |

Аз рӯи мансубияти миллӣ 93,9%-и аҳолии ноҳияро тоҷикон ва 6,1% дигар миллатҳо ташкил медиҳанд.

*Ҳайати этникии аҳолии ноҳияи Шӯрообод*




Қисми зиёди аҳолиро миёнасолон ва наврасон ташкил медиҳанд.

*Сохтори ҷинсӣ ва синнусолии аҳолии ноҳия ба ҳолати 01.01.2015.*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон/занон | Бо % |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 17251 | 8971 | 52 |
| Миёнасолон | 29012 | 14389 | 49,5 |
| Нафақахӯрон (63 мард/58 зан) ва аз ин калон | 3537 | 1092 | 30,9 |
| Ҳамагӣ: | 49800 | 24452 | 49,1 |

*Афзоиши демографӣ дар ноҳияи Шӯрообод (ба ҳолати 1 январи соли 2015)*

| Солҳо | Шумораи таваллуд шудагон | Шумораи издивоҷ/никоҳ | Шумораи фавтидагон | Шумораи муҳоҷирон (аз ҷумла занҳо) | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ бо % | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 1117 | 738 | 182 | 1948 (76) | 935 | 1,97 | 47300 |
| 2013 | 1291 | 681 | 165 | 2259 (90) | 1126 | 2,3 | 48800 |
| 2014 | 1153 | 759 | 174 | 1954 (73) | 979 | 1,96 | 49800 |

Миқдори аҳолии ноҳия дар соли 2014 (49800 нафар) дар қиёс бо соли 2012 (47300 нафар) ҳамагӣ 2500 нафар ё 5% зиёд шудааст. Зичии ҷойгиршавии аҳолӣ дар 1 км$^2$ 218 нафарро ташкил медиҳад.

**1.5. Тамоюлҳои асосии иқтисодиву иҷтимоӣ**

Ноҳияи Шӯрообод яке аз ноҳияҳои кӯҳиест, ки бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Шӯрообод ноҳияи камзамин ба шумор меравад ва ин омил боиси муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ мегардад. Асоси иқтисодиёти ноҳияи Шӯроободро кишоварзӣ ташкил медиҳад ва 61 фоизи аҳолӣ дар ин соҳа машғул мебошанд. Самтҳои асосии кишоварзии ноҳия боғдорию ғалладонапарварӣ, чорводорӣ, занбӯрпарварӣ ва қисман картошкаву сабзавотпарварӣ мебошад.

Сохтори соҳаи кишоварзӣ асосан аз хоҷагиҳои хонагӣ ва деҳқонӣ иборат аст. Ба фаъолияти босамари хоҷагиҳои деҳқонӣ як қатор омилҳои манфӣ, ба монанди норасоии техникаи кишоварзӣ ё фарсудагии техникаҳои мавҷуда, гаронии нарх ва набудани нуриҳои минералӣ, сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, паст шудани сатҳи маҳсулнокии истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳолати ғайриқаноъатбахши мелиоративии заминҳо, мушкилоти дастрасӣ ба воситаҳои нави истеҳсолот, набудани шароит барои нигаҳдорӣ ва технологияҳои коркарди дубораи маҳсулоти кишоварзӣ, таъсири манфӣ мерасонанд. Дар натиҷаи ин омилҳо вақтҳои охир машғулият дар соҳаи кишоварзӣ даромади камро медиҳад.

Бахши саноати ноҳия ба тадриҷ рушд ёфта истода, айни замон дар ноҳия 14 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст: КФД "Кони ангишти Шӯрообод", ҶДММ-ҳои "Баракати Истиқлол", "Далер", "Шукрия", "Мавҷи Панҷ", "Эмомҷон", "Ёғук", "Зафар-2004", "Анвар", "Райҳонбӣ", "Шамси Роғӣ", "Назирӣ" ва ғайра.

Корхонаҳои мавҷуданд, ки бо иқтидори пурраи худ фаъолият намекунанд, ки ин ҳам бо норасоии воситаҳои молиявӣ, набудани технологияҳои нав ва ғайраҳо алоқаманд аст.

Хизматрасониҳое, ки дар соҳаи иҷтимоӣ ба аҳолӣ расонида мешаванд, дучори баъзе мушкилотанд, ки ба ҳолати бади инфрасохтори соҳаи маориф ва тандурустӣ, инчунин нақлиёт ва роҳ алоқамандӣ доранд. Ҳам дар соҳаи маориф ва ҳам дар соҳаи тандурустӣ масъалаи нарасидани мутахассисони баландихтисос ва набудани таҷҳизоти замонавӣ мушоҳида мешавад. Ба ғайр аз ин, ҳолати кунунии пулҳо ва роҳҳои ноҳия, махсусан дар мавсими тирамоҳу зимистон ба дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии иҷтимоӣ монеъ мегардад.

Ҳифзи иҷтимоии табақаи осебпазири аҳолӣ ба шакли ҷубронпулӣ, нафақа ва кӯмакпулӣ, ки андозаи он, мутаассифона, дар сатҳи паст қарор дорад, пешниҳод мешавад. Гузашта аз ин, дар ҷузъҳои сохторӣ оид ба кӯмакрасонии суроғавӣ ба маъюбони бештар эҳтиёҷ дошта масъалаҳои таъмини маъюбон бо воситаҳои ёрирасон ва техникӣ ба таври қатъӣ гузошта шудааст. Паст будани музди меҳнат ва инкишоф наёфтани бозори меҳнат ба муҳоҷирати меҳнатӣ таъсир мегузорад.

Ташаккули хоҷагии манзилию коммуналӣ ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ нест. Дар ноҳия шароити душвори таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, набудани системаи обу ташноб ва маҳдудияти барқтаъминкунӣ дида мешавад.

Маҳдудияти маблағгузориҳо дар ноҳия ба рушди иқтисодии он монеъ мегардад. Қисми даромади буҷети ноҳия қудрати пӯшонидани хароҷотҳои ҷориро надорад. Аз ин рӯ, ба ноҳия аз дигар сатҳҳои буҷет кӯмаки молиявӣ дар шакли субсидияҳо ҷудо мегардад.

Дар ҳудуди ноҳия ташкилотҳои маҳалливу байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ аз ҷумла: Барномаи рушди дастгирии ҷомеаҳои минтақаҳои кӯҳӣ (МСДСП), барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, Маркази татбиқи лоиҳаҳо оид ба беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ дар Хатлон, ташкилоти ҷамъиятии «Ғамхорӣ» фаъолият мекунанд. Фаъолияти онҳо асосан ба ҳалли масъалаҳое чун таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, беҳтар намудани вазъи инфрасохтор ва ғайраҳо равона карда шудааст.

**1.6. Бинишиояндаи ноҳияи Шӯрообод**

*Ноҳияи Шӯрообод – минтақаи рушдёфтаи коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатии ба содирот нигаронидашудаи рақобатпазир, дорои фазои мусоиди соҳибкории*

*хурду миёна, сайёҳӣ, савдои наздисарҳадӣ ва сармоягузорӣ, бо инфрасохтори аввалиндараҷаи иҷтимоию иқтисодӣ, бо муҳити зисти тоза, ки дар он аҳолии соҳибзавқу меҳнатқарин ва саховатпешаю меҳмоннавоз зиндагию фаъолият менамоянд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи рушди ноҳияи Шӯрообод, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва хатарҳои он тарҳрезӣ гардидааст.

*Тарафҳои қавӣ ва заифи ноҳияи Шӯрообод, имкониятҳо ва хатарҳо.*

| Ҷиҳатҳои қавӣ | Ҷиҳатҳои заиф |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои табиӣ, аз ҷумла тилло, ангиштсанг, намак ва ашёи хом барои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ;<br>• Шароити мусоиди иқлимӣ барои боғдорӣ ва растанипарварӣ;<br>• Мавҷуд будани заминҳои корами лалмӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бунёди боғҳои нав;<br>• Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилию беруна;<br>• Мавҷудияти чарогоҳҳои васеъ барои рушди соҳаи чорводорӣ;<br>• Мавҷуд будани дарёҳои зиёд барои рушди соҳаи гидроэнергетика ва барқтаъминкунӣ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои озод ва арзони меҳнатӣ;<br>• Мавҷудияти ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ (асрҳои қадим);<br>• Дастрасӣ ба инфрасохтори аввалиндараҷа;<br>• Ҷойгиршавии ноҳия дар назди роҳи мошингарди Кӯлоб-Хоруғ-Қароқурум;<br>• Мавҷуд будани табиати рангорангу ҷаззоб барои рушди сайёҳӣ, хусусан кӯҳнавардӣ; | • Набудани воситаҳо барои коркарди захираҳои табиӣ;<br>• Фарсудашавӣ ва аз кор баромадани техникаи мавҷудаи кишоварзӣ, паҳншавии ҳашароти зараррасон ва бемориҳои ҳайвонот;<br>• Набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия;<br>• Сатҳи пасти хизматрасонии байторӣ ва набудани дорухонаҳои байторӣ;<br>• Мавҷуд набудани маблағгузорӣ барои сохтмони НБО-и хурду миёна;<br>• Мавҷуд набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>• Таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ;<br>• Мавҷуд набудани ширкатҳои сайёҳӣ, дуруст ба роҳ намондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, ҳаргуна буклетҳо ва бад будани ҳолати инфрасохтори дохилӣ;<br>• Паҳншавии бемориҳои сирояткунанда ва ҳашаротҳои зараррасон;<br>• Аз кор рафтани мутахассисони соҳибхтисос ва норасоии мутахассисони ботаҷриба;<br>• Афзоиши нархи сӯзишворӣ ва хизматрасонӣ; |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| • Бунёди роҳи байналмиллалие, ки минтақаро бо Ҷумҳурии мардумии Хитой мепайвандад;<br>• Ташкили бозор ва савдои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;<br>• Ба кор даровардани иқтидорҳои бекорхобидаи истеҳсолӣ;<br>• Дастгирии соҳибкории хурду миёна;<br>• Рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ;<br>• Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ;<br>• Рушди кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба аҳолӣ;<br>• Баланд бардоштани сатҳи тахассусии кадрҳо;<br>• Мусоидат ба рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, махсусан кишоварзӣ ва саноат;<br>• Баланд бардоштани нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;<br>• Ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ ва комёбиҳои илм дар истеҳсолот;<br>• Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ;<br>• Баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ;<br>• Кам кардани хавфи таъсири офатҳои табиӣ. | • Болоравии сатҳи таваррум;<br>• Тағйирёбии иқлим ва бадшавии вазъи экологӣ;<br>• Офатҳои табиӣ (сармои шадид, сел, ярч, тарма, обхезӣ, заминларза ва ғ.);<br>• Ба миён омадани низоъҳои сарҳадӣ. |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

**Таҳлили ҳолати соҳаи кишоварзӣ.** Ноҳияи Шӯрообод яке аз минтақаҳои аграрии қисмати ҷанубии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт мебошад ва дар ҳаёти иқтисодии ноҳия нақши аввалиндараҷаро мебозад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*




Рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро дар соҳаи мазкур зиёда аз 59% аҳолии қобили меҳнат фаъолият доранд. Соҳаи кишоварзии ноҳияи Шӯрообод аз ҳисоби боғпарварӣ, гандумкорӣ, чорводорӣ, қисман картошкапарварӣ ва сабзавоткорӣ тараққӣ мекунад.

**Шаклҳои ташкилдиҳии кишоварзӣ.** Шумораи умумии хоҷагиҳои хонагӣ дар ноҳия 6646 адад, шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ (инфиродӣ) 2726 адад ва хоҷагиҳои коллективӣ 12 ададро ташкил медиҳад. Шумораи занҳои дар хоҷагиҳои деҳқонӣ машғули корбуда 16% (1700 нафар)-ро ташкил медиҳад.

*Техникаи кишоварзии мавҷуда*

| № | Номгӯи техника | Ҳамагӣ | Тайёрӣ | % тайёрӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо, – ҳамагӣ, аз ҷумла: | 188 | 150 | 79 |
| а) | Трактори шудгоркунанда | 20 | 2 | 10 |
| б) | Трактори ғилдиракдор | 168 | 148 | 87 |
| 2 | Комбайн | 4 | 4 | 100 |
| 3 | Ядакҳо | 169 | 100 | 59 |
| 4 | Сипор | 81 | 81 | 100 |
| 5 | Мошини алафдаравӣ | 20 | 20 | 100 |
| 6 | Мошини боркаш | 159 | 100 | 63 |
| | Ҳамагӣ: | 621 | 455 | 73 |

Дар давоми солҳои 2012-2014 ба ноҳияи Шӯрообод аз ҳисоби лоиҳаи «Беҳсозии сатҳи зиндагӣ дар Хатлон» (IFAD) ва лоиҳаи “Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо” ҳамагӣ 42 адад техникаи кишоварзӣ ва 6 адад механизмҳои зарурӣ (тракторҳои МТЗ-95 2 адад,

МТЗ-82 38 адад, автомашинаи КАМАЗ 1 адад, трактори фронталии боркунанда 1 адад, ғаллакубак 6 адад, систернаҳои заҳркимиёҳо барои коркарди боғу токзор 2 адад) ворид гардидааст. Аммо дар шароити кунунӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ камубеш соҳиби техникаи нав гардида бошанд ҳам, ин барои қонеъ намудани талабот кифоя нест.

Гарчанде мақсади асосии бунёди ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ дастгирии хоҷагиҳо дар истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, афзоиши ҳосилнокӣ ва рушди соҳаи чорводорӣ бошад ҳам, айни замон дар ноҳия, ягон ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ мавҷуд нест.

**Истифодаи замин.** То 1 январи соли 2015 масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 88087 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 45 гектар ё 0,05% обёришаванда мебошанд.

*Сохтори истифодаи замин*




Қисми зиёди заминҳои кишоварзӣ асосан барои кишти ғалладона (85%) ва хӯроки чорво (11%) истифода бурда мешаванд.

*Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ (гектар)*



**Растанипарварӣ.** Дар соли 2014 дар ноҳия ба маблағи 169336,7 ҳаз.сомонӣ маҳсулоти растанипарварӣ истеҳсол гардид, ки нисбат ба соли 2012 ба маблағи 25417,7 ҳаз.сомонӣ (17,6%) зиёдтар аст.

*Ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи растанипарварӣ*
*дар солҳои 2012-2014 бо ифодаи пулӣ (ҳаз. сомонӣ)*




Дар ноҳия ҷои аввалро истеҳсоли зироати ғалладона ишғол мекунад. Ҳиссаи ғалладонагӣ дар вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ 86% - ро ташкил медиҳад.

*Истеҳсолоти маҳсулоти растанипарварӣ (тонна)*

| Намуди махсулот | Ба шакли натуралӣ (тонна) | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Ғалладонагӣ | 35070 | 35206 | 27326 |
| Сабзавот | 1200 | 1287 | 2650 |
| Полезӣ | 3400 | 3480 | 2263 |
| Картошка | 9180 | 9202 | 4564 |
| Мевачот | 9800 | 10827 | 12297 |
| Ангур | 920 | 963 | 1005 |
| Хӯроки чорво | 30025 | 30000 | 30340 |
| Ҳамагӣ: | 89595 | 90965 | 80445 |

Ба камшавии майдони кишти зироати ғалладона ва зироати полезӣ дар соли 2014 нигоҳ накарда, баланд шудани ҳосилнокии ин зироатҳоро бояд қайд намуд, ки ин пеш аз ҳама ба беҳбудии чорабиниҳои агротехникӣ вобаста аст.

Дар ноҳияи Шӯрообод 55 фоизи хоҷагиҳо дар масофаи 40 то 100 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир шудаанд. Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ, кашонидани махсулот аз хоҷагиҳои дурдаст ба маркази ноҳия душвориҳои зиёдро пеш меорад. Барои мисол, қисми зиёди зироати картошка дар хоҷагиҳои қаламрави ҷамоати деҳоти Лангардара кишт карда мешавад, ки то маркази ноҳия қариб 100 км масофаро ташкил медиҳад (бинобар набудани роҳ дар масофаи 60 километр техникаҳои боркаш ба ин ҷамоат рафту омад надоранд). Ҳамаи ин ба арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаи

хоҷагиҳо таъсир расонида, боиси баланд шудани нарх дар бозор мегардад. Дар натиҷа, аксари вақт маҳсулоти хоҷагиҳо чи дар бозори дохилӣ ва чи дар бозори беруна ба савдо намеравад ва боиси зарари хоҷагиҳо мегардад.

*Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар солҳои 2012-2014 (га)*




| | Галладона гихо | Сабзавот | Полези | Картошка | Меваги | Ангур | Хуроки чорво |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 24,3 | 170 | 189 | 207 | 33,1 | 19,9 | 41,5 |
| 2013 | 24,5 | 185 | 196 | 209 | 34,5 | 21,8 | 43 |
| 2014 | 24,7 | 180 | 200 | 210 | 35 | 22,1 | 45 |

**Низоми обёрӣ.** Дар ноҳия 129 гектар заминҳои обӣ, аз ҷумла 89 га дар ҷамоати деҳоти Лангардара ва 40 га ҷамоати деҳоти Нуриддин Маҳмудов мавҷуд аст. Заминҳо дар ҷамоати Лангардара ба воситаи ҷӯйбор аз оби дарёҳои кӯҳӣ ва дар ҷамоати Нуриддин Маҳмудов тавассути насоси обкаш аз дарёи Панҷ обёрӣ карда мешаванд. Мутаассифона, насоси обкаш дар деҳоти Нуриддин Маҳмудов аз кор баромада, солҳои тӯлонист, ки кор намекунад. Дар ин мавзеъ 170 га замин (40 га замини обӣ ва 130 га анор боғ) ба оби полезӣ эҳтиёҷот дорад.

Дар давоми солҳои 2012-2014 бо сабаби ҷалб нагардидани маблағ дар ноҳия ягон чоҳи амудӣ ва иншооти таъминоти оби полезӣ сохта нашудааст. Ҳол он, ки обтаъминкунӣ ва обёрии намудани заминҳо танҳо ба воситаи кандани чоҳҳои амудӣ амалӣ мешавад.

**Чорводорӣ.** Ноҳияи Шӯрообод барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили манбаи хӯроки чорво шароити хуб дорад. Зеро 38 фоизи масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ аз 39066 га чарогоҳҳо, аз ҷумла 26552 га чарогоҳҳои тобистона, 12514 га чарогоҳи зимистона ва 283 га замини алафдарав иборат мебошанд.

Таносуби соҳаи чорводорӣ дар истеҳсолоти умумии маҳсулоти кишоварзӣ 30,2%-ро ташкил медиҳад. Соли 2014 хоҷагиҳои чорводории ноҳияи Шӯрообод ба маблағи 73,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбат ба соли 2012 беш аз 26,6 млн. сомонӣ ё 63,5% зиёдтар аст.

*Ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи чорводорӣ дар солҳои 2012-2014*

| Махсулотхо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тонна | 2000 | 2025 | 2630 |
| Шир | тонна | 5730 | 5821 | 6477 |
| Тухм | ҳаз. дона | 1470 | 1532 | 1621 |
| Пашм | тонна | 103 | 107 | 111 |
| Асал | тонна | 55 | 56 | 56 |
| Пилла | тонна | 4,3 | 4,4 | 1,5 |

Дар ноҳия то 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 25025 сар чорвои калони шохдор ва 64649 сар чорвои майда ба қайд гирифта шудааст, ки қисми зиёди он (89,7%) ба аҳолӣ тааллуқ дорад.

*Саршумори чорво аз рӯи шаклҳои моликият (бо %)*




*Саршумори чорво дар солҳои 2012-2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чорвои калон, аз ҷумла | 24860 | 24952 | 25025 |
| 2 | Модагов | 13777 | 13900 | 13910 |
| 3 | Чорвои хурд | 63217 | 63503 | 64649 |
| 4 | Асп | 2425 | 2475 | 2481 |
| 5 | Парранда | 40430 | 40505 | 40530 |
| 6 | Оилаи занбӯри асал | 3060 | 3085 | 3090 |

**Байторӣ.** Ба рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ барои саривақт пешгирӣ намудани бемориҳои сирояткунанда хизматрасониҳои босифати байторӣ мусоидат менамоянд. Дар ноҳияи Шӯрообод ҳолатҳои алоҳидаи бемориҳо байни чорвои калон ва моли майда, ба монанди карасон (эмкор), зардкасал (лептоспироз), ҳорӣ (бешенство) ва ғайраҳо, ҳамчунин вабои мурғҳои хонагӣ (псевдочума) мушоҳида мешаванд. Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маводи биологӣ барои пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сӯхтанӣ -100%, вабои сумдард 20-22 %, гули моли майда 10-15 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-100 % ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 100 % аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд. Дар байни саршумори чорвои хурд аз деҳаҳои ҷамоатҳои Чагам ва Шӯрообод бемории «Илтиҳоби шуш» (вирусная плеропневмония) ва дар байни паррандаҳо касалиҳои сироятӣ ба қайд гирифта шудааст. Бемории сирояткунандаи «Илтиҳоби шуш» қариб тамоми ноҳияро фаро гирифта, он боиси талафоти зиёди моли майда (буз) гардидааст. Ҳатто бузҳои кӯҳӣ ба ин беморӣ гирифтор шуда, рӯз то рӯз талафоти онҳо зиёд шуда истодааст, ки боиси нобуд шудани ин ҳайвоноти нодир дар табиат мебошад.

Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи ташкилотии байналмилаллӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаи (FAO) Созмони Милали Муттаҳид ба байторон ваксинаҳо ва дигар доруҳо барои пешгирии бемории буғумдарди моли майдаи шохдор, барои пешгирии бемориҳои карасан ва зардкасали чорвои калони шохдор пешниҳод карда мешаванд. Бо кӯмаки ин ташкилот Ассотсиатсияи байторҳои ҷумҳурӣ ташкил карда шудааст, ки дар он 12 нафар кадрҳои баландихтисос ба кор ҷалб карда шудаанд. Дар ассотсиатсия барои муайян намудани касалии зукоми парранда ду мутахассис дар асоси шартнома кор мебаранд. Мутаассифона, дар ноҳия ва гирду атрофи он ягон дорухонаи бойторӣ, нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво бахусус, барои касалиҳои сироятӣ) вуҷуд надорад.

Дар ноҳия 2 нуқтаи бордоркунии сунъӣ воқеъ дар ҷамоатҳои Шӯрообод ва Доғистон вуҷуд дорад, аммо ин нуқтаҳо аз сабаби таъмин нашудани азоти моеъ ва нутфа фаъолият намекунанд.

Ҳоло дар ноҳия аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва Фонди Оғохон 2 клиникаи хусусии бойторӣ бунёд шуда, барои бордоркунии сунъӣ таҷҳизонида шудааст.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони боихтисос, баланд будани нархи доруворӣ, душвории дастраснамоии доруворӣ, набудани бунгоҳҳои қабул ва аз нав кор карда баромадани пашму пӯст аст (аз рӯи маълумотҳои ғайрирасмӣ ҳар сол дар ноҳия зиёда аз 12 тонна пашми буз ва 32 тонна пашми гӯсфанд истифода бурда нашуда, партофта мешавад).

Стансияи бойтории ноҳия бинои корӣ ва мошини хадамотӣ надорад. Ҳоло он дар хонаи хусусие, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дораду ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад, ҷойгир шудааст. Имрӯзҳо мутахассисони соҳаи бойторӣ ба мушкилоти ифлосшавии муҳити зист рӯбарӯ шуда истодаанд. Яке аз сабабҳои асосии он дар партовгоҳҳо гузоштани ҷасадҳои чорво мебошад, азбаски барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво ҷойҳои махсус вуҷуд надоранд ва ҷасадҳо дар ҷойҳои ахлотпартоӣ ва сойҳо партофта мешаванд, ки муҳити атрофро ифлос менамоянд.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳияи Шӯрообод барои рушду нумӯи соҳаи занбӯрпарварӣ хеле мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳанд, ки сол аз сол шумораи оилаҳои занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли асал дучанд афзояд. Истеҳсоли асал аз 55 тоннаи соли 2012 дар соли 2014 ба 56 тонна расонида шуд, ки 1,8% зиёдтар аст.

*Истеҳсоли асал дар давоми солҳои 2012-2014 (тонна)*

| Солҳо | Шумораи оилаҳо | Истеҳсоли асал (тн) |
|---|---|---|
| 2012 | 3060 | 55 |
| 2013 | 3085 | 56 |
| 2014 | 3090 | 56 |

**Соҳаи ҷангал.** Ҷангал комплекси илмию истеҳсолӣ буда, ба нигоҳубин, азнавбарқароркунӣ ва муҳофизат эҳтиёҷ дорад. Соҳаи ҷангал дар ноҳия яке аз бахшҳои сердаромад ба шумор меравад. Дар тавозуни корхонаҳои ҷангали ноҳия 63626 гектар майдони умумии заминҳо, 112 га замини корам, 214 га дарахтони бисёрсола (богот), 23806 га чарогоҳ, 24184 га заминҳои кишоварзӣ, 180 га заминҳо наздиҳавлигӣ (79 га замини корам, 54 га дарахтони бисёрсола), 4372 ҷангалу бешазор, 8731 га буттазор, 473 замини зери об, 34 га роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар ва 25579 га заминҳои дигар мавҷуд аст.

Дар ноҳия 2 хоҷагии ҷангалпарварӣ ва 1 мамнӯъгоҳи Даштиҷум мавҷуд буда, дар он 90 нафар ба кори доимӣ машғуланд, зиёда аз 400 оила тариқи шартномавӣ кор мекунанд. Ҳар сол хоҷагиҳои мазкур тавассути иҷоракорон зиёда аз 149 тонна ғалла, 72 тонна меваи хушк, 12 тонна чормағз, 562 кг зира ва 6418 метри мукааб ҳезум истеҳсол менамоянд. Дар марзи хоҷагиҳои мазкур гиёҳҳои шифобахш аз қабили ширинбия, қоқутӣ, ҷамбилак, испанд, ниҳолҳои хуч ва дигар дарахтону гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки имконияти дар соҳаи дорусозӣ истифода бурдани онҳо вуҷуд дорад. Дар хоҷагиҳои ҷангал ва дигар хоҷагиҳои деҳқонии берун аз марзи он зиёда аз 50-60 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд.

Гузашта аз ин, шароити иқлим ва набототи ноҳия имкон медиҳад, ки хоҷагиҳои ҷангали ноҳия то 1700 оилаи занбӯри асалро парвариш намоянд.

Заминаи моддию техникии хоҷагиҳои ҷангали ноҳия фарсуда шудааст, вале худи хоҷагиҳо имконияти харидории техникаҳои нави кориро надоранд. Аз сабаби нокифоя будани маблағ корҳои ҷангалбунёдкунӣ дар сатҳи паст гузаронида мешаванд. Набудани техника, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои байни ҷангал ва набудани техникаҳои сӯхторхомӯшкунӣ мушкилоти соҳа маҳсуб меёбанд. Яке аз мушкилиҳои

дигар ин нарасидани заҳрхимикатҳо барои муҳофизати ҷангал аз ҳашарот ва касалиҳои он мебошад.

**2.2. Соҳаи саноат**

Дар доираи масъалаҳои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия рушди соҳаи саноат яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Қатъи назар аз мавҷудияти захираҳои бузург ва иқтидорҳои маҳаллӣ соҳаи саноат дар ноҳияи Шӯрообод на он қадар рушдёфта мебошад. Айни замон дар ноҳияи Шӯрообод 14 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар он 129 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатӣ (Корхонаи воҳиди давлатии "Кони ангишти Шӯрообод", ҶДММ "Баракати Истиқлол", ҶДММ "Назирӣ", ҶДММ "Зафар-2004", ҶДММ "Ёғук", ҶДММ "Анвар", ҶДММ "Мавҷи Панҷ", ҶДММ "Шукрия", ҶДММ "Мустақим-1", ҶДММ "Далер", коргоҳи хурди "Эмомҷон" ва коргоҳи истеҳсоли равғани растанӣ ва обҳои ташнашикан) бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Корхонаҳои саноатии ноҳияи Шӯрообод бо нерӯи барқ таъмин мебошанд.

*Корхонаҳои саноатӣ аз рӯи категорияҳо*

| № | Номи бахш | Шумораи корхонаҳои фаъолияткунанда |
|---|---|---|
| 1 | Саноати сабук | 2 |
| 2 | Саноати хӯрокворӣ | 5 |
| 3 | Саноати сохтмон | 4 |
| 4 | Маъданҳои кӯҳӣ | 3 |

Дар таркиби соҳавӣ ҷои махсусро коркард ва истеҳсоли маданҳои кӯҳи, масолеҳи сохтмон ва истеҳсоли молҳои хӯрокворӣ ишғол менамояд. Феълан дар ноҳияи Шӯрообод ду корхонаи истеҳсоли тилло бо иқтидорӣ 100 кг дар як сол, ду корхонаи сангу шағал бо иқтидори умумии 10 ҳазор тонна дар як шабонарӯз фаъолият менамоянд, ки 100%-и талаботи ноҳияро қонеъ мегардонанд. Корхонаҳои саноатии ноҳия ба тағйири намуди истеҳсолот ва барориши намудҳои нави маҳсулот, махсусан истеҳсоли ашёи дуюм дараҷа ва сеюм дараҷа ниёзманд мебошанд.

*Нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои саноатии ноҳия Шӯрообод*

| № | Номгӯи маҳсулотҳо | | Истеҳсоли маҳсулот | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1. | Маҳсулоти дӯзандагӣ | ҳазор сомонӣ | 16,8 | 32,5 | 30,3 |
| 2. | Ангишт | тонна | 1650 | 807 | 1000 |
| 3. | Маҳсулоти нонӣ | тонна | 160 | 165 | 166 |
| 4. | Истеҳсоли орд | тонна | 9992 | 9932 | 9990 |
| 5. | Равғани растанӣ | тонна | 60,5 | 0 | 0 |
| 6. | Истеҳсоли гӯшт | тонна | 130 | 135 | 138 |

Дар соли 2014 дар ноҳияи Шӯрообод ба маблағи 16269 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2012 – 3624 ҳазор сомонӣ ё 28,7% ва нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2013 тақрибан 1,4% зиёд мебошад.

Дар ноҳия аз сабаби норасоии маблағҳои зарурӣ ва фармоишгарону бозори фурӯши маҳсулот, корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори пурраи худ кор намекунанд.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар нохия дар тӯли солҳои 2012-2014 бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (ҳаз. сомонӣ)*




*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои ноҳия дар солҳои 2012-2014*

| № | Номгӯи корхона ва истеҳсоли маҳсулот | Воҳиди ченак | Миқдори истеҳсоли маҳсулот | | | Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | КФД “Кони ангишти Шӯрообод” | тонна | 807 | 1650 | 1000 | 264,0 | 129,1 | 160,0 |
| 2 | ҶДММ “Зафар-2004” | тонна | 84,0 | 10,0 | 11,0 | 205,4 | 28,7 | 33,5 |
| 3 | ҶДММ “Кансин” | | | | | 60,0 | -- | -- |
| 4 | ҶДММ “Ёғук” | ҳаз. кут. шартӣ | 12,0 | 15,0 | 15,0 | 76,5 | 81,5 | 81,5 |
| 5 | ҶДММ “Анвар” | $м^3$ | 2000 | 35610 | 10700 | 39,9 | 1055,8 | 316,8 |
| 6 | Корхона “Райҳонбӣ” | ҷуфт | 210 | 239 | 321 | 16,8 | 7,8 | 5,3 |
| 7 | ҶДММ “Шамси Роғӣ” | $м^3$ | 9 | 11,1 | 15 | 4,0 | 21,9 | 23,2 |
| 8 | ҶДММ “Назирӣ” | тонна | - | - | - | 124,8 | 1775,6 | 1167,8 |
| 9 | ҶДММ “Далер” | $м^3$ | - | 3,2 | - | -- | 10,0 | 3,2 |
| 10 | ҶДММ “Шукрия” | ҷуфт | - | 142 | 176 | -- | 24,7 | 25,0 |
| 11 | ҶДММ “Мавҷи Панҷ” | ҳаз. кут. шартӣ | - | 2,63 | 2,640 | -- | 21,8 | 22,0 |
| 12 | ҶДММ “Баракати истиқлол” | тонна | - | - | - | -- | 6087,6 | 5054,3 |
| 13 | ҶДММ “Мустақим-1” | ҷуфт | - | - | - | -- | -- | -- |
| 14 | ҶДММ “Эмомҷон” | тонна | - | - | 4,3 | -- | -- | 13,7 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | | 791,4 | 9279,2 | 6910,1 |

Яке аз самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди ноҳияи Шӯрообод дар давоми солҳои 2016-2020 барои рушди соҳаи саноат, мусоидат намудан ҷиҳати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда, зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатии хурду миёна ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои саноатӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

*Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳия (дар соли 2014)*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори лоиҳавӣ/ солона | Истеҳсоли воқеии ҳозира/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифода-барандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КФД “Кони ангишти Шӯрообод” | Истихроҷи ангишт | 5000 тонна | 1000 тонна | Технологияи надорад | шаҳрвандони ноҳия ва вилоят |
| 2. | ҶДММ “Зафар-2004” | Истеҳсоли маҳсулоти хурока | | | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 3. | ҶДММ “Ёғук” | Истеҳсоли консерваи меваю сабзавот | 50000 қуттии шартӣ | 15000 қуттии шартӣ | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 4 | ҶДММ “Анвар” | Коркарди сангу шағал | | | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 5 | Корхона“Райҳонбӣ” | Либосҳои занона ва кудакона, либосҳои махсус | 420 ҷуфт | фаъолият намекунад | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия |
| 6 | ҶДММ “Шамси Роғӣ” | Коркарди чубу тахта | | | Технологияи кухна | Аҳолии ноҳия ва берун аз он |
| 7 | ҶДММ “Назирӣ” | Истеҳсоли тилло | 250 кг | | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳурӣ |
| 8 | ҶДММ “Далер” | Коркарди чубу тахта | 43 м3 | фаъолият намекунад | Технологияи кухна | Аҳолии ноҳия |
| 9 | Коргоҳи истеҳсоли обҳои ташнашикан | истеҳсоли обҳои ташнашикан | 1200 литр | фаъолият намекунад | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳурӣ |
| 10 | ҶДММ “Шукрия” | Либосҳои занона ва кудакона, либосҳои махсус | 330 ҷуфт | фаъолият намекунад | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия |
| 11 | ҶДММ “Мавҷи Панҷ” | Коркарди меваю сабзавот | 3000 қутии шартӣ | | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия |
| 12 | ҶДММ “Баракати истиқлол” | Истеҳсоли тилло | 230 кг | | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳурӣ |
| 13 | ҶДММ “Мустақим-1” | Коркарди сангу шағал | 9000 м3 | | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 14 | ҶДММ “Эмомҷон” | Коркарди маҳсулоти ширӣ | 27 тонна | | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия |

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия 129 нафар бо ҷои кор таъмин мебошанд, ки он 0,2%-и шумораи умумии аҳолии бо ҷои кор таъминро (аз ҷумла занон 28 нафар) ташкил менамояд. Дар корхонаҳои саноатии ноҳия бо сабаби паст будани музди меҳнат, хусусан дар бахшҳои саноати сабук, норасогӣ ва аз кор рафтани мутахассисони касбӣ, мушоҳида мегардад.

***Иқтидорҳои мавҷуда.*** Ноҳияи Шӯрообод барои рушди саноат имкониятҳои зиёд дорад. Истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табии ва канданиҳои фоиданоке, ки дар ноҳия вуҷуд доранд, метавонад ба рушди ояндаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия мусоидат намояд. Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии намак (дар мавзеъи Шоҳон ҷамоати деҳоти Даштиҷум), ангиштсанг (дар ҷамоати деҳоти Лангардара), масолеҳи инертии бинокорӣ – гилхок ва шағал (дар ҷамоатҳои деҳоти Шӯрообод, ба номи Н. Маҳмудов ва Даштиҷум) бой мебошад. Бояд қайд намуд, ки коркарди онҳо то ба ҳол ба роҳ монда нашудааст ва роҳандозӣ намудани коркарди захираҳои конҳои мавҷудаи ноҳияи Шӯрообод метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад.

Дарёҳои мавҷуда ва рельефи ноҳияи Шӯрообод барои бунёди НОБ-ҳои хурд хеле қулай мебошанд. Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони НОБ-и хурд дар ҷамоати деҳоти Даштиҷум бо иқтидори 120 кВт) пешбинӣ мегардад.

Ноҳия инчунин барои рушди корхонаҳои саноатии хурд дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла коркарди пӯсту пашм дар маркази ноҳия, ташкили корхонаи хурди семблок ва корхонаи истеҳсоли хишт дар маркази ноҳия иқтидори хуберо доро мебошад. Ноҳияи Шӯрообод аз растаниҳо ва гиёҳҳои шифобахш низ, бой аст ва дар сурати ташкили коркарди онҳо метавон ба рушди соҳаи дорусозӣ низ такони ҷиддӣ бахшид.

Ба рушди потенсиали саноатии ноҳия мавҷудияти ашёи хоми маҳалӣ мусоидат менамоянд. Майдонҳои истеҳсолии озод ва иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ имконият медиҳанд, ки дар заминаи онҳо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионие, ки аз нуқтаи назари камхарҷии маблағҳои мутамаркази ба сохтмони инфрасохтори истеҳсолӣ алоқамандбуда, иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ, инчунин воситаҳои истеҳсолоти бузургхарҷ ба роҳ монда шаванд. Дар оянда таи солҳои 2016-2020 ташкил намудани корхонаи муштарак бо ширкатҳои хориҷӣ оиди барориши маҳсулоти рақобатпазир, махсусан маҳсулотҳои соҳаҳои сохтмон ва саноати сабук бояд ба назар гирифта шавад.

Бо мақсади беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шароитҳои мусоид барои рушди соҳа, зарурият ба миён омадааст, ки дар заминаи корхонаҳои мавҷуда, коргоҳҳои хурд барои коркарди ашёи хоми дар ноҳия истеҳсолшаванда (мева ва сабзавот, пӯсту пашм ва шир) ташкил карда шавад.

Айни ҳол ба рушди устувори соҳаи саноат дар ноҳияи Шӯрообод ҷалби нокифояи сармояи хориҷию дохилӣ, мавҷуд набудани инфрасохтори лозимӣ, нокифоягии маблағгузорӣ, ворид нагардидани технологияҳои муосири саноати кӯҳкорӣ ва норасогии мутахассисони соҳибтаҷриба, монеагӣ менамоянд. Бинобар ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо сохторҳои вилоятӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ва вазорату идораҳои дахлдор, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес нақшаҳоро таҳия намуда оиди ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолии хурду миёна ва воридоти технологияҳои муосир ҳамкориро ҷоннок намояд.

Дар ноҳия 3 минтақаи кони тилло (Хутхам, Пардор ва Зарбуз) мавҷуд аст, ки дар онҳо аллакай истихроҷи тилло ба роҳ монда шудааст. Ғайр аз ин, дар ноҳия яке аз конҳои калонтарини намак вуҷуд дорад. Аз рӯи маълумоти мутахассисони соҳа, захираи он то имрӯз тақрибан 15-20 млрд. тонна арзёбӣ шудааст. Яке аз масъалаҳои асосӣ дар ин самт набудани корхона барои коркард ва бандубасти намак ба шумор меравад, ки афзоиши иқтидори содирот, истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои мавҷуда ва даромадҳои иловагиро ба буҷети маҳаллӣ суст мегардонад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009 таҳти № 127р) барои истихроҷи тиллои пошидашавандаи кони «Сариғор» ба ҶДММ «Назирӣ» иҷозатнома дода шуд ва айни ҳол он фаъол мебошад.

***Ҷанбаҳои экологӣ.*** Таъсири саноат ба экологияи ноҳия ҳанӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. То имрӯз ҳеҷ корхонае шиносномаи экологӣ, дастгоҳҳои замонавии чангкашӣ ва системаи мунтазами бақайдгирӣ, назорат дар болои партовҳои моддаҳои зараррасон ба муҳитро надорад.

***Мушкилиҳои асосӣ.*** Масъалаҳои асосие, ки дар соҳаи саноат мушоҳида мешаванд, инҳоанд: набудани техника ва технологияҳои ҳозиразамон, норасоии кадрҳои боихтисос, рушди заифи корҳои иктишофи геологӣ, нокифоя будани сармоягузории дохиливу беруна, менеҷмент ва маркетинги заиф. Аз сабаби ҷавон будани соҳаи саноат дар ноҳия мушкилоти дарёфти дархости мизоҷон вуҷуд дорад. Маҳсулоти истеҳсолшуда саривақт ба фурӯш намеравад. Зиёд будани воридоти маҳсулоти сохтмонӣ аз беруни ноҳия, барои истеҳсолкунандагони дохили рақобатро ба вуҷуд меорад. Баъзе корхонаҳо фаъолиятро қатъ намуданд ва баъзеашон истеҳсолоти худро тағйир дода, ба барориши намудҳои нави маҳсулоти серталабот шурӯъ намуданд.

### 2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Барои рушди ноҳияи Шӯрообод соҳибкории хурд захираи азим ба ҳисоб мераванд. Аммо бо назардошти кӯҳӣ ва дурдаст будани ноҳия бахши СХМ асосан тавассути савдои хурди чакана, кишоварзӣ ва ғайраҳо тараққӣ карда истодаанд. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд минбаъд низ соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳияи Шӯрообод шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 2832 ададро ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 5719 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 178 нафар буданд ва 79 нафари онро занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 40 нафар расидааст, ки 21 нафар занҳо ташкил додаанд. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳияи Шӯрообод 14 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайдгирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Шумораи ҷойҳои корӣ | %-аз шуғли умумӣ | Сомонӣ | %-аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ |
| Кишоварзӣ | 12 | 2636 | 3472 | 63% | 132456 | 7,6% |
| Саноат | 3 | 8 | 19 | 0,27% | 34563 | 1,9% |
| Сохтмон | 2 | 4 | 56 | 0,64% | 314746 | 18,1% |
| Нақлиёт ва алоқа | 1 | 16 | 109 | 1,24% | 74903 | 4,3% |
| Савдо | 4 | 58 | 94 | 1,07% | 161894 | 12,0% |
| Хизматрасонӣ | 3 | 31 | 63 | 0,71% | 54712 | 3,1% |
| Хизмати молиявӣ | 4 | - | 55 | 0,62% | 121344 | 7,0% |
| Дигар соҳаҳо | 11 | 39 | 1851 | 26,6% | 842921 | 48,5% |
| Ҷамъ: | 40 | 2792 | 5719 | 37,9% | 1737539 | 38,2% |

*Ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасониҳои СХМ дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Шӯрообод дар соли 2014 (ҳазор сомонӣ)*



Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ (ҷамъ 2648 субъект), савдо (ҷамъ 62 субъект), нақлиёту алоқа (ҷамъ 17 субъект) ва хизматрасонӣ (ҷамъ 34 субъект) машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои дар бахши СХМ-и ноҳия машғул буда мутаносибан 63%, 9,2%, 12,7% ва 12,4%-ро ташкил медиҳад.

Дар самти воридоти мабағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 1737,5 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 38,2 %-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Соли 2014 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 1737,5 ҳазор сомонӣ, ё 38,2 фоизро ташкил дод.

*Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (бо сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2012-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 125213 | 129412 | 132456 | 387081 |
| Саноат | - | 18704 | 34563 | 53267 |
| Сохтмон | 80526 | 183803 | 314746 | 579075 |
| Савдо | 104318 | 124338 | 161894 | 390550 |
| Нақлиёт ва алоқа | 54863 | 62804 | 74903 | 192570 |
| Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ | 641570 | 670933 | 1018977 | 2331480 |
| Ҳамагӣ: | 1006490 | 1189994 | 1737549 | 3934023 |

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 387 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи саноат 53,2 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи савдо 390,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи сохтмон 579 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

Аз 732 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 28,4 фоизаш бо патент кор мекунанд, ки ин аз маҳдуд будани миқёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Дар се соли охир ҳамагӣ 4 субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркардӣ маҳсулоти саноатӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам аммо ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли ноустувори рушдро дорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар субъектҳои СХМ гарчанде дар соли 2012

бо сабаби ба кор даромадани ҶДММ «Шамси Роғӣ», ҶДММ «Анвар», ҶДММ «Райҳонбибӣ», ҶДММ «Баракати Истиқлол» ва ғайра афзуда бошад ҳам, лекин ҳиссаи ин субъектҳо дар се соли охир тамоюли рушди ноустувор дорад, зеро фаъолияти ин ширкатҳо бо сабабҳои объективӣ сусттар гашта, дар соли 2014 ҳамагӣ 6,8 фоизро аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил кардани субъектҳо СХМ нокифоя будани нақши онҳоро дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти саноатӣ нишон медиҳад.

Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, бунбасти коммуникатсионӣ, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои гардишӣ ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё аз фаъолият боз мондаанд.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ 63 фоиз, ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 37,1 фоиз ва 8,4 фоиз аз ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети ноҳия аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайри қаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон дар ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 4 субъекти соҳибкори шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, ягон соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ накардааст.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дар ноҳияи ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна филиалҳои ҶСК «Агроинвестбонк», филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» ва филиали Бонки молиявии хурди Фонди Оғохон фаъолият доранд.

*Истифодаи қарзҳои бонкӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳияи Шӯрообод дар солҳои 2012-2014 (бо %)*




Давоми солҳои 2012-2014 пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

Тӯли се соли охир (солҳои 2012-2014) барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 22,333,875 сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 638,237 сомонӣ ё 3% ба соҳаи соҳибкорӣ, 1,048,159 сомонӣ ва ё 5% ба соҳаи саноат, 885,906 сомонӣ ва ё 4% ба соҳаи сохтмон, 10,354,268 сомонӣ ва ё 46% ба соҳаи кишоварзӣ ва 9,407,305 сомонӣ ва ё 42% ба дигар соҳаҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рост меояд.

Соҳибкорони ноҳияи Шӯрообод ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон ба дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

*Маълумот оид ба пешниҳоди қарзҳо дар тӯли солҳои 2012-2014(сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзи додашуда | Шумораи қарзгирандагон | Бахшҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Соҳибкорӣ | Саноат | Кишоварзӣ | Сохтмон | Дигар соҳаҳо |
| Филиали ҶСШК «Агроинвестбонк» | 2012 | 957498 | 211 | --- | - | 353716 | - | 603782 |
| | 2013 | 1041729 | 239 | 25000 | - | 446629 | - | 570100 |
| | 2014 | 2324044 | 287 | 46879 | - | 1000240 | - | 1276925 |
| | Ҷамъ | 4323271 | 737 | 71879 | - | 1800585 | - | 2450807 |
| Филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» | 2012 | 2040900 | 198 | 219700 | - | 1084500 | - | 736700 |
| | 2013 | 1998800 | 221 | 274000 | - | 654000 | - | 1070800 |
| | 2014 | 1791920 | 245 | 72658 | 234420 | 21350 | - | 1463492 |
| | Ҷамъ | 5831620 | 664 | 566358 | 234420 | 1759850 | - | 3270992 |
| Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | -- | - | -- | -- | -- | -- | -- |
| | 2013 | 2442026 | 235 | -- | 341411 | 1075309 | | 1025306 |
| | 2014 | 4308399 | 205 | -- | 472328 | 1787190 | -- | 2048881 |
| | Ҷамъ | 6750425 | 440 | | 813739 | 2862499 | | 3074187 |
| Бонки молиявии хурди Фонди Оғохон | 2012 | 1714816 | 79 | --- | -- | 1243000 | 267016 | 204800 |
| | 2013 | 1650663 | 82 | --- | - | 1017173 | 283440 | 350050 |
| | 2014 | 1250687 | 123 | --- | - | 858768,5 | 335450 | 56468,5 |
| | Ҷамъ | 4616166 | 284 | --- | -- | 3118941,5 | 885906 | 611318,5 |
| Фонди қарздиҳии хурд | 2011 | --- | -- | -- | -- | --- | --- | --- |
| | 2012 | --- | -- | -- | -- | --- | --- | --- |
| | 2013 | 812392 | 26 | - | - | 812392 | - | - |
| | Ҷамъ | 812392 | 26 | - | - | 812392 | - | - |
| Ҳамагӣ: | | 22333875 | 2151 | 638237 | 1048159 | 10354268 | 885906 | 9407305 |

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Аз сабаби дурдаст ва кӯҳӣ будани ноҳияи Шӯрообод рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Бад будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Маориф

Рушд ёфтани соҳаи маориф дар пешравии ҷомеа ҷиҳати расидан ба як қатор ҳадафҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Бинобар ин дар ҳамин хусус баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар сатҳи маҳаллӣ яке аз рукнҳои асосии дастрасӣ ба рушди устувор маҳсуб ёфта, ҷорӣ намудани низоми идоракунии самарабахши ҳамаҷонибаи низоми маориф дар сатҳи поёнӣ барои таъмини аҳолӣ бо маълумоти сазовор мусоидат менамояд.

Амалӣ гаштани Барномаи рушди ноҳия дар робита ба соҳаи маориф барои ҳаллу фасли масъалаҳои зерин равона мегардад:

а) таҷдиди инфрасохтори мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, алалхусус таъмиру тармим намудани шабакаҳои гармидиҳӣ ва обу коррезӣ, бунёди гӯшаҳои санитарию беҳдоштии алоҳида барои духтарону писарон;

б) бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин намудани тамоми хонандагон;

в) бунёди муассисаҳои таълимии нави замонавӣ, синфхонаҳои иловагӣ ва дар заминаи мактабҳои мавҷуда сохтани иншоотҳои иловагии ба фаъолияти мактабҳо алоқаманд;

г) ба роҳ мондани низоми иштироки ҷомеа, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар идоракунии мактабҳо тавассути таъсис додани ассотсиатсияҳои падару модарон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва масъулияти онҳо дар тарбияи фарзанд, таъмини шаффофияти истифодаи маблағҳои ҷудогардида.

Дар ноҳия 1 адад муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 44 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ин 1 адад интернати ҷумҳурияви барои кӯдакони ятим мебошад, 6 адад муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 7 адад муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ 1 адад Маркази таҳсилоти иловагӣ, 1 адад Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия ва 1 адад Маркази дарёфти рушди истеъдодҳо мавҷуд аст.

Дар 57 адад муассисаҳои таҳсилоти умуми забони таълим тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст.

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳияи Шӯрообод ба ҳолати 31.12.2014 1 адад муассисаи томактабӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 40 нафар кӯдакон дар 2 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Зеро шумораи умумии кӯдакони то 6 сола дар ноҳия зиёда аз 4718 нафарро ташкил медиҳад ва дар ин замина фарогирии кӯдакон (синни 3-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ ба 3,5 фоиз мерасад, ки хеле кам мебошад. Иқтидори мавҷудаи муаассисаи томактабии №1 барои тарбияи 40 нафар кӯдакон имкон дорад. Ҳоло бошад дар муассисаи томактабии ноҳия ба таълиму тарбияи кӯдакон 2 нафар мураббӣ ва 1 омӯзгор бо маълумоти педагогӣ сафарбар карда шудаанд.

*Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| Нишондодҳо | Иқтидор (нафар) | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 | 40 | 40 | 18 | 40 | 17 | 40 | 20 |

Яке аз мушкилоти асосӣ барои фаро гирифта нашудани кӯдакони синни томактабӣ ба таълиму тарбия ба вуҷуд надоштани муассисаҳои томактабӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия марбут мебошад.

Барои беҳтар намудани дастгирии молиявӣ дар самти гузаронидани таъмири ҷории муассисаи томактабӣ ҳамасола аз ҷониби буҷети маҳаллии ноҳия кӯмакҳои

молиявӣ ва моддӣ расонида мешавад. Дар ҳамин хусус, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳаи мазкурро дар фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки бахши давлати ва хусусӣ дар соҳаи мазкур дидан мумкин аст. Мутаассифона, то кунун дар ноҳия ягон кӯдакистони хусусӣ фаъолият намекунад.

**Маълумоти миёна.** Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 11650 нафар баробар буда, аз ин 5614 нафар ва ё 48,1 фоизашонро духтарон ташкил медиҳанд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | | | | 2013 -2014 | | | | 2014 -2015 | | | |
| Синфҳо | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| 1 | 995 | 524 | 471 | 47,3 | 999 | 515 | 484 | 48,4 | 1023 | 506 | 517 | 50,5 |
| 2 | 990 | 514 | 476 | 48,0 | 989 | 516 | 473 | 47,8 | 966 | 492 | 474 | 49,0 |
| 3 | 1038 | 567 | 471 | 47,2 | 972 | 514 | 458 | 47,1 | 969 | 494 | 509 | 52,5 |
| 4 | 1073 | 533 | 540 | 50,3 | 1019 | 528 | 484 | 47,4 | 948 | 498 | 450 | 47,4 |
| Ҳамагӣ 1-4 | 4096 | 2115 | 1981 | 48,3 | 3979 | 2080 | 1899 | 47,7 | 3906 | 2005 | 1901 | 48,6 |
| 5 | 1061 | 557 | 504 | 47,5 | 1072 | 555 | 517 | 48,2 | 1016 | 543 | 473 | 46,5 |
| 6 | 1300 | 660 | 640 | 49,2 | 1033 | 539 | 494 | 47,8 | 1050 | 539 | 511 | 48,6 |
| 7 | 1271 | 641 | 630 | 49,5 | 1276 | 648 | 628 | 49,2 | 1011 | 531 | 480 | 47,4 |
| 8 | 1220 | 640 | 580 | 47,5 | 1237 | 622 | 615 | 49,7 | 1254 | 631 | 623 | 49,6 |
| 9 | 1161 | 652 | 509 | 43,8 | 1185 | 617 | 568 | 47,9 | 1224 | 615 | 609 | 49,7 |
| Ҳамагӣ 5-9 | 6013 | 3150 | 2863 | 47,6 | 5803 | 2798 | 2822 | 48,6 | 5555 | 2859 | 2696 | 48,5 |
| 10 | 925 | 469 | 456 | 49,2 | 1119 | 626 | 493 | 44,0 | 1114 | 583 | 531 | 47,6 |
| 11 | 977 | 548 | 429 | 43,9 | 878 | 461 | 417 | 47,5 | 1075 | 589 | 486 | 45,2 |
| Ҳамагӣ 10-11 | 1902 | 1017 | 885 | 46,5 | 1997 | 1087 | 910 | 45,5 | 2189 | 1172 | 1017 | 46,4 |
| Ҳамагӣ: | 12011 | 6282 | 5729 | 47,6 | 11779 | 6148 | 5631 | 47,7 | 11650 | 6148 | 5614 | 48,1 |

Мувофиқи маълумотҳои омории ноҳия шумораи умумии хонандагон сол то сол кам шуда истодааст, ки ин раванд пеш аз ҳама бинобар иваз намудани ҷойи зисти аҳолӣ, яъне ба дигар минтақаҳо кӯчида рафтани оилаҳо алоқаманд мебошад.

*Шумораи хонандагон аз рӯи бастҳо ба 31.12.2014 (нафар)*



Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 11650 нафар расидааст, ки аз ин миқдор 6728 нафар, ки 57,7 фоизро ташкил медиҳад дар басти аввал, 4922 нафар, ки 42,2 фоизро ташкил медиҳад дар басти дуюм мехонанд. Хушбахтона дар ноҳияи Шӯрообод бинобар сохтани синфхонаҳои иловагӣ ва вуҷуд доштани имконияти мусоид дар муассисаҳои таълимӣ хониш дар басти сеюм умуман нест.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии асосӣ № 45 ва 52-и ҷамоати деҳоти Лангардара, №17 ҷамоати Шӯрообод бинобар сабаби дар масофаи дур ҷойгир будани деҳа ва набудани муассисаи таълимии миёнаи умумии наздик ҷалби духтарон ба зинаи сеюми таҳсилот, яъне синфи 10 мушкил мебошад.

Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 хонанда муқаррар гардидааст. Айни замон, дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия шумораи хонандагон дар ҳар як синф аз рӯи стандарти мавҷудаи системаи маориф ба роҳ монда шудааст. Аммо бинобар тағир додани намуди мактабҳо (яъне аз ибтидоӣ ба асосӣ ва аз асосӣ ба миёнаи умумӣ табдил додани мактабҳо) зарурияти бунёди синфхонаҳои иловагӣ ва муассисаҳои таълимии муосир ба миён меояд.

Муассисаҳои таълимии ноҳия аз норасоии таҷҳизотҳои лабораторӣ (реактивҳо) дар озмоишгоҳҳои фаннӣ (алалхусус аз фанни химия, биология, физика) барои гузаронидани корҳои амалӣ аз назария ба амалия гузаштан танқисӣ мекашанд.

**Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.** Бо мақсади бо таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагони оилаҳои камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010. №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ (ҷуброн) ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд" ҳар нимсола ба нафар, ки фоизи шумораи умумии хонандагонро ташкил медиҳад ҷубронпулӣ ба миқдори 20 сомонӣ пардохт карда мешавад.

Дар ноҳияи Шӯрообод соли 2014 барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (аслан хонадагоне, ки яке волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, аз оилаҳои камбизоатанд ва аз оилаҳои серфарзанданд аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 1446 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба маблағи умумии 28920 сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 20 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст. Дар соли хониши 2012 ба 1507 хонанда ба маблағи 30140 сомонӣ, соли 2013 ба 1500 хонанда ба маблағ 30000 ва соли 2014 бошад ба 1446 хонанда ба маблағи 28920 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт шудааст.

Айни замон дар ноҳияи Шӯрообод дар 58 муассисаи таълимӣ (аз ин 1 адад муассисаи томактабӣ) кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин кумитаҳо ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф марбут аст.

**Таъминот бо омӯзгорон**. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба 31.12.2014 беш аз 982 нафар омӯзгор кору фаъолият мекунад, ки аз ин 269 нафар ва ё 27,3 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 25 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014 3 нафар омӯзгорони соҳибихтисос (махсусан аз фанни забони англисӣ) намерасад.

Дар доираи ташкил гардидани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, дар давоми солҳои хониши 2013-2014 ва 2014-2015 тибқи нақшаи пешбинишуда ҳамагӣ 95% омӯзгорон ва ё зиёда аз 380 нафари онҳо таҷрибаю малакаҳои худро боз ҳам такмил доданд.

*Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 925 | 950 | 982 | 106,1 |
| аз ҷумла, занон | 226 | 250 | 268 | 118,5 |
| Дорои маълумоти олӣ | 568 | 601 | 679 | 119,5 |
| аз ҷумла, занон | 82 | 98 | 110 | 134,1 |
| Олии нопурра | 268 | 270 | 235 | 87,6 |
| аз ҷумла, занон | 90 | 104 | 103 | 114,4 |
| Миёнаи умумӣ | 89 | 79 | 68 | 76,4 |
| Аз ҷумла занон | 54 | 48 | 55 | 101,1 |
| Норасогии кадрҳо | 9 | 8 | 3 | 33,3 |

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Шӯрообод ба ҳолати 31.12.2014 - 40 нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 19 нафар духтарон) дар муассисаи таълимии ноҳия ба таълим фаро гирифта шудааст, аммо таълими хонагии инфиродӣ (инклюзивӣ) дар ноҳия вуҷуд надорад.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Дар ноҳияи Шӯрообод дар хонаҳои шахсӣ ва вагонҳо таҳсил бурда намешавад.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол афзоиш меёбад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ ба миён омадааст, ки аҳамияти ҷиддиро талаб менамояд.

Бо назардошти ташфиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар рӯхияи баланд тарбия намудани кадрҳои ояндадор дар мактабҳо пайваста инфрасохтори лозимаи варзишӣ бунёд карда мешавад. Айни замон дар муассисаҳои таълимиии ноҳия 48 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст.

**Дастрасӣ ба технодогияи компютерӣ.** Ба ҳолати 31.12.2014 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 38 синфи компютерӣ ташкил карда шуда дар онҳо 380 адад компютер, 141 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 15 нафар хонанда рост меояд. Айни замон, “Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ 17 адад генератор мавҷуд аст.

Новобаста аз ин, нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хатти озоди барқ зарур мебошад.

**Низоми таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Бо сабаби дароз мавриди истифода гардидани қубурҳои обгузар дар мактабҳои ҳудуди ноҳия таъминоти номунтазам бо оби нӯшокӣ мушоҳида мешавад.

Системаи таъминоти гармидиҳии мактабҳои ҳудуди ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печкаҳои алобӣ сурат мегирад. Бинобар кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда аксарияти мактабҳои марказ ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Гузаштан ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи

маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимии ноҳия равона карда шудааст.

Дар назди муассисаҳои таълимии марказ ва деҳоти ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро тавсеа медиҳад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба мактаб ворид карда мешаванд, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

Бо ин мақсад аз ҳисоби буҷети ноҳия дар соли 2012- 8,6 млн. сомонӣ, соли 2013- 12,148 ҳаз. сомонӣ, соли 2014 – 16,426 ҳаз. сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2014 ба миқдори 16,426 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 4,2 млн. сомонӣ ё 135, фоиз зиёд мебошад.

Тибқи дурнамо дар соли 2016 барои маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷет ҷудо намудани 18,483 ҳаз. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Новобаста аз он, ки маблағгузории соҳа солҳои охир нисбати соли 2012 афзоиш ёфтааст, мутаассифона, барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳа ин нокифоя аст.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Бинобар ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар соли 2013-2014 343 нафар фақат тибқи Маркази миллии тестӣ ба мактабҳои олии кишвар дохил гардиданд. Дар се соли охир 1458 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳрҳои Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Душанбе, барои аз худ кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил шуданд. Илова бар ин дар тӯли солҳои 2011-2014 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ноҳия 94 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо) таҳсил менамоянд.

Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи Президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2012 - 2014 тибқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 63 нафар дохил шуданд, ки 31 нафар писар ва 32 нафарашон духтарон мебошанд.

Тибқи нақша соли 2015 қабули 28 нафар хонандагон ба мактабҳои олии кишвар аз ҳисоби квотаи Президентӣ, ки аз ин 14- нафараш духтарон мебошанд, таҳсил доранд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи маорифи ноҳия.*** Дар ҳолати ғариқаноатбахш қарор доштани биноҳо ва иншоотҳои баъзе муассисаҳои таълимӣ (мактабҳои №2 деҳаи Куҳдомани ҷамоати деҳоти Шӯрообод, №7 деҳаи Дараи оби ҷамоати деҳоти Доғистон, №12,14,35,38 ҷамоати деҳоти ба номи Н. Маҳмудов, набудани таҷҳизот ва кабинетҳои фаннӣ, нарасидани китобҳои дарсӣ барои синфҳои болоӣ, набудани асбобҳои аёнии дарсӣ, алоқаи сусти волидон бо мактаб, нарасидани маводҳои методӣ барои омӯзгорон аз мушкилоти асосӣ ба шумор мераванд. Ба ғайр аз ин, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ (асосан, вақте, ки дар мавсими зимистону баҳор барфу боронҳои шадид онҳоро касногузар мекунанд), набудани пулҳои хурди роҳгузар бо давомоти хонандагони асосан синфҳои ибтидоӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бинобар сабаби норасогии кадрҳо ва беҳтар намудани фарогирии духтарони маҳаллӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ таъсис додани филиалҳои муассисаҳои таҳлимии кишвар дар сатҳи ноҳия мувофиқи мақсад мебошад.

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ

Бахши тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб мегардад. Ба аҳолии ноҳия Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, сохтори госпиталӣ, МНДСЭ ва дигар марказҳо хизмати тиббӣ мерасонанд. Дар ҳайати муассисаҳои КАТС 1 адад Маркази саломатии ноҳиявӣ, 12 адад Маркази саломатии

деҳотӣ ва 17 адад бунгоҳи тиббӣ дохил мешаванд. Дар Маркази саломатии ноҳиявӣ Маркази репродуктивӣ фаъолият мекунад, ки барои солим таваллуд намудани кӯдакон ва беҳ намудани сатҳи репродуктивии занони ноҳияи Шӯрообод вазифадор мебошад.

***Солимии модар ва кӯдак.*** Беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак пеш аз ҳама ба ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, ба роҳ мондани фаъолияти мукаммали гурӯҳҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, гузаронидани таҳлили аниқ, омӯзиш ва ташхиси саривақтии бемориҳо аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ алоқаманд мебошад.

*Таваллуд ва фавти модарон дар ноҳия дар солҳои 2012-2014*

| Нишондод | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, таваллуд | 1252 | 1419 | 1443 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 1114 | 1226 | 1208 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 70,8 | 78,5 | 83,7 |
| Таваллуд дар хона | 366 | 305 | 235 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 29,2 | 21,4 | 16,2 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | - | - | - |

Тайи солҳои охир миқдори таваллуд дар хона пайваста коҳиш ёфта истодааст, ки чунин ҳолат аз фаъол гаштани муассисаҳои тиббӣ ва амалӣ гаштани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ дарак медиҳад.

Мутобиқи маълумоти коршиносони маҳаллии соҳаи тиб мушкилии асосӣ дар самти хизматрасонӣ ба занони ҳомила дар он зоҳир мешавад, ки гарчанде бемориҳои экстрогениталӣ миёни занон саривақт дарёфт карда шавад ҳам, вале бо сабабҳои бистарӣ нашудан ва саривақт ба қабули духтурон наомадани занони ҳомила иртибот дорад.

Самти муҳими дигари фаъолияти муассисаҳои тандурустии ноҳия ин хизматрасонӣ ба кӯдакон мебошад.

*Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2012-2014*

| Нишондод | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 6 | 8 | 4 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 27 | 34 | 45 |

Сабаби асосии баланд шудани фавти кудакони то 1 сола ин таваллуди бармаҳали навзодон мебошад, ки ба чунин ҳолат аз авҷ ёфтани касалиҳои вирусии модарон (зуком, БШРН) вобаста мебошад.

*Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд*

| Нишондод | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 1622 | 1757 | 1900 |
| Камхунӣ | 510 | 587 | 575 |
| Гирифтори чоғар | 13 | 3 | 12 |

Таҳлил нишон дод, ки дар давоми солҳои 2012, 2013 ва 2014 камхунӣ миёни занҳои ҳомила ва баъди таваллуд мунтазам зиёд шудааст. Мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо ва ҳатто ба фавти кӯдак оварда мерасонад. Дар ҳамин хусус андешидани тадбирҳои муоссир дар ин самт хеле зарур мебошад. Шумораи касалиҳои ҷоғар миёни занони ҳомила дар соли 2014 нисбат ба соли 2013

қариб 4 маротиба зиёд шудааст, ки ин пеш аз ҳама ба гардиши духтурон ба хонаҳо ва дарёфти бемории алоқаманд мебошад.

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомила ба бемориҳои экстрагеиталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, набудани духтурони занона дар ҷойҳои дурдаст, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад.

Дар соли 2014 занҳои қобили таваллуд 15428 нафарро ташкил дод. Шумораи таваллуд дар соли 2014 ба 1443 нафар расид, ки нисбат ба соли 2013 (1415 нафар) ба миқдори 28 нафар кам мебошад.

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон дар соли 2014 Маркази солимии репродуктивии ноҳия ба 1180- нафар 26,8 % занон маводҳои контросептивӣ таъмин карда шуд. Дар ҷамоатҳои Доғистон, Чагам, Даштиҷум ва Саричашма дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омӯзишӣ дар мавзуъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Бемориҳои бо роҳи алоқаи чинсӣ гузаранда» барпо карда шуд. Бо мақсади беҳтар намудани иттилоотнокии аҳолӣ ба масъалаи гузошташуда, иштирокчиён бо адабиётҳои лозима («Ман медонам» ва «Интихоби ман») таъмин гардиданд.

**Бемориҳои сироятӣ.** Дар баробари дигар вазифаҳо дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои тандурустии ноҳия аз пешгирӣ нмудани бемориҳои сироятӣ иборат мебошад.

*Тамоюли бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2011-2014*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 55 | 55 | 47 | 45 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | | | | |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 39 | 97 | 114 | 106 |
| (ба 100 ҳаз.аҳоли) | - | - | - | - |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | - | - | - | 2 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | | | | |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 212 | 378 | 706 | 401 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | | | | |
| Гелминтоз | - | 210 | 72 | 50 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | - | - | - | - |
| Табларза (малярия) | - | - | - | - |
| Бемории ВНМО (СПИД) | - | - | 20 | 21 |
| Домана | - | - | 2 | 1 |

Дар ноҳия ҳамасола дар доираи амалӣ намудани “Барномаи миллии барҳамдиҳии бемориҳои гелминтӣ дар ҶТ барои солҳои 2011-2015” ҷиҳати коҳиш додани гирифторӣ ба бемориҳои гелминтоз мунтазам маъракаҳои бекирмгардонӣ тавассути истеъмоли ҳабҳои албендазол гузаронида мешавад.

Гирифторӣ ба бемории ВНМО дар соли 2014 ба 21 нафар расидааст, ки хеле ташвишовар мебошад. Сабаби асосии баланд гаштани нишондиҳандаи мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нашъамандони тазриқӣ (истифодаи чандинкаратаи сӯзандору) марбут буда, инчунин аз ҳисоби танфурӯшии занон ба вуқӯъ пайвастааст.

Дар давоми соли 2014-2015 ба муассисаҳои тандурустии ноҳия 2-адад дастгоҳи рентген, монитор ба миқдори 2 адад, оксигенатор ба миқдори 1 адад, таҷҳизот барои дидани таҳлили биохимиявии хун 1 адад, гемоанализатор 1 адад, сентофуга 1 адад, теғи барқӣ 2-адад, ҷевони хушктамизкунӣ 2 адад, ворид карда шуд, ки андаке заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббиро беҳтар гардонид.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳияи Шӯрообод бемориҳои захми меъда, газаки меъда, саратуни ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокиии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.**

Системаи тандурустии ноҳия аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

*Муассисаҳои тиббии ноҳияи Шӯрообод*

| | | |
|---|---|---|
| Сохтори шабакаҳои КАТС | Шумораи умумии муассисаҳои КАТС | 30 |
| Маркази саломатиии ноҳивӣ | | 1 |
| Марказҳои саломатии деҳот | | 12 |
| Бунгоҳи саломатӣ | | 17 |
| Муассисаҳои бистарикунонӣ | Ҷамъ: | 6 |
| | Беморхонаи марказӣ барои 93 кат | 1 |
| | Беморхонаи рақамӣ барои 70 кат | 4 |
| | ММБСил 20 кат | 1 |
| | Беморхонаи қитъавии Чагам 10 кат | 1 |
| Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон | | 1 |
| Маркази репродуктиви | | 1 |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | | 1 |
| Маркази имунопрофилактика | | 1 |
| Маркази тропикӣ | | 1 |
| Маркази тарзи ҳаёти солим | | 1 |
| Маркази ВНМО | | 1 |

*Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёна | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон | Кормандони хурди тиббӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 326 | 221 | 23 | 40 | 42 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 90,5 | 9,4 | 12,4 | 13 |
| Сохтори бистарӣ | 254 | 114 | 22 | 50 | 68 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 51,5 | 8,6 | 19,6 | 26,7 |

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ «Донишкадаи такмили ихтисоси баъди дипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

*Мушкилиҳои мавҷудаи системаи тандурустии ноҳияи Шӯрообод*

| Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|
| I. Бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои табобатию профилактикии шаҳр | |
| 1.Набудани бинои Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, надоштани мошини хизматрасонӣ, набудани бинои маркази солимии репродуктивӣ, МСН-вӣ, Маркази ВНМО маркази имунопрофилактика. | Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим<br>Маркази солимии репродуктивӣ<br>Маркази солимии ноҳиявӣ (МСН)<br>Маркази ВНМО<br>Маркази имунопрофилактика. |
| II. Вуҷуд надоштани муассисаҳои тиббӣ | |
| 1. Набудани бино ва дар вагон ҷой доштани утоқҳои кории МНДСЭ, набудани мутахассисон, надоштани мошини хизмати, набудани таҷҳизотҳои ҳозиразамон дар таҳлилгоҳ. | Муассисаи назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) |

| Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|
| 2. Фарсуда ва корношоямии бинои муассисаҳои табобатӣ | БМН, дар бинои кухна ҷойгир будани шуъбаи даруна |
| 3. Набудани марказҳои саломатӣ | Бунгоҳи тиббии Қавоқ (дар мактаб ччойгир аст), Бунгоҳи тиббии Ялабули (дар хоначойгир аст), Бунгоҳи тиббии Навбулоқ (дар хона ҷойгир аст), Бунгоҳи тиббии Девдор (дар хона ҷойгир аст), Бунгоҳи тиббии Ново (дар хона ҷойгир аст), Бунгоҳи тиббии Руи каш (дар хона ҷойгир аст). |
| 4. Деҳаҳое, ки аҳолиашон зиёд шуда ва ба бунгоҳҳои тиббӣ ниёз доранд. | Деҳаҳои Бодомту, Дашти эшон, Назарбоӣ Сумчакон, Ҳоҷидара, Кумроғ, Гулистон. |

### 3.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи таъминоти иҷтимоии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

Марҳилаи кунунии рушди ноҳияи Шӯрообод бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии ноҳияи Шӯрообод ба ҳолати 31.12.2014 миқдори 49,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 26 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

**Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Шумораи нафақахӯрон*
*аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи синну сол) | 2187 | 2232 | 2317 | 2363 | 1,08 |
| Маъюбон | 529 | 538 | 523 | 387 | 0,73 |
| Маъюбони модарзод | 430 | 450 | 493 | 474 | 1,10 |
| Бесаробонмондагон | 482 | 503 | 494 | 467 | 0,96 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 3711 | 3733 | 3827 | 3537 | 0,99 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон сол то сол рӯ ба камшави ба назар мерасад, ин нишондод дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 0,99 фоиз бинобар сабаби солимгардони аз тарафи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию ичтимои кам карда шудааст, ки аҳамияти бештарро ба худ талаб менамояд.

Ба 31.12.2014 дар ноҳия 3 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 4 нафар маъюбони Чернобил ва 861 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 умр ба сар мебаранд, ки аз ин 231 нафарашон зан ва 387 нафар мард мебошанд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курсӣ-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, узвҳои сунъӣ (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд.

Ба ҳолати 31.12.2014 дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақаи миёна 235 сомонӣ, аз ҷумла: аз рӯи пиронсолӣ 243,2 сомонӣ, аз рӯи гум кардани яке аз волидайн 110,3 сомонӣ, аз рӯи маъюбӣ 246,1 сомонӣ ва нафақаи иҷтимоӣ 127,5 сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014 шумораи умумии хонаводаҳое, ки бинобар баланд гардидани тарифҳо барои истифодаи нерӯи барқ ҷубронпӯлӣ гирифтаанд 507 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2012 ба 63,9 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад ва бинобар тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми

таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» аз 3 июли соли 2014 таҳти №437 ноҳияи Шӯрообод ба сифати ноҳияи таҷрибавӣ दониста шудааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2012 бошад барои 1407 оила 198,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 барои 1246 оила 168,1 ҳазор сомонӣ, дар соли 2014 барои 507 оила 70,7 ҳазор сомониро ташкил медод. Аммо бинобар шомил намудани ноҳияи Шӯрообод ба гурӯҳи ноҳияҳои таҷрибавӣ вобаста ба истифодаи кӯмаки унвонии иҷтимоӣ дар давоми соли 2014 (аз сентябри соли 2014 сар карда) бар ивази ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ ва кӯмаки молиявӣ барои талабагони оилаҳои камбизоат дар системаи маориф мавриди амал қарор дода шуд. Дар давоми соли 2015 барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ 1845 муроҷиат намуданд, ки аз ин 1612 нафари онҳо оилаи камбизоат эътироф гардида ба маблағи 232 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ расонида шудааст.

*Ҳаҷми ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ*




Омили асосие, ки ба афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа мунтазам таъсири мусбӣ мерасонад, ин дар асоси рушд ёфтани сатҳи иқтисодиёти кишвар ва фароҳам омадани имкониятҳои молиявӣ ба тасвиб расидани Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, таҳти №1493 "Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо" ба шумор меравад.

***Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.*** Дар ин самт Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона»-и ноҳияи Шӯрообод фаъолият менамояд, ки ба шахсони дар қайд буда дар хонаҳояшон хизматрасониро ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандони муассиса 8 нафарро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014 шумораи умумии нафақахӯрон, ки дар қайд мебошанд 69-нафарро ташкил медиҳад, ки ба ҳамаи онҳо пурра хизматрасониҳо ба анҷом расонида шудааст. Аз шумораи умуми 21 нафарашонро маъюбон ташкил медиҳанд. Дар соли 2014 аз ҳисоби корхонаву муассисаҳо ва соҳибкорон, Кумитаи имдоди Имом Ҳумайнӣ ба маблағи умумии 98,1 ҳазор сомонӣ кӯмаки моддию молиявӣ расонида шудааст.

Дар ҳудуди ноҳия шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ хеле зиёд буда, ҳалли дурусти ин масъала диққати махсусро талаб мекунад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин нарасидани маводҳои ниёзи аввал (хӯрока) ба ниёзмандон мебошад. Зеро аксари эҳтиёҷмандонро камбизоатон ташкил дода, сарчашмаи иловагии даромад надоранд. Дар ин самт ҷалб намудани ташкилотҳои дохилию хориҷӣ барои дастгирии ниёзмандон ва ба роҳ мондани хизматрасонии хушсифат зарур аст.

***Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.*** Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Шӯрообод дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи шаҳр ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он,ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2014 аз ҷониби шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 7661 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, аз ин танҳо дар соли 2014 бошад 207 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шӯрообод дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳо аз рӯи ҳамаи нақшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайри буҷетӣ ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Дар ин замина, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба миён омадааст.

Дар доираи “Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Шӯрообод барои солҳои 2012-2014” дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 291 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб, компютер, зардӯз, қаннод, омӯзиши забони русӣ ва ғайра) хатм намудаанд.

***Сатҳи бекорӣ.*** Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа яке аз ҳадафи стратегии Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ аст. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар аст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда сари вақт ва пурра ба кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста аст.

Дар баробари ин ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд) дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 47,3 % афзоиш ёфтааст, ки сабаби афзоиш ёфтани он ба қадри кофӣ таъсис нагардидани ҷойҳои нави кории доимӣ мебошад.

Аз маълумотҳои омори, айни ҳол дар ноҳияи Шӯрообод шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ 22,3 ҳазор нафар ташкил дод, шумораи бекорон бошад 311 нафарро ташкил медиҳад. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Дар соли 2014 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда танҳо 70,2 фоизи он ба кор таъмин карда шудаанду халос.

Таи чор соли охир дар доираи “Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Шӯрообод дар тӯли солҳои 2011 – 2014” беш аз 1262 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 30 нафар ба маблағи 94500 сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки

ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест. Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи поён овардани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шӯрообод то соли 2020 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад тибқи пешгуӣ то соли 2020 ташкили 5470 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайри расмӣ;
- сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон;
- сари вақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд.
- сари вақт пешниҳод накардани шумораи ҷойҳои нави корӣ ба шӯъбаи Агентӣ аз тарафи корхонаҳо ва коргоҳҳои хурду калони хусусӣ.

***Музди меҳнат***. Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар шаҳр дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 175 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ, саноат ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат сол аз сол ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011-2014 (бо сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011 бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Кишоварзӣ | 227 | 291 | 322 | 380 | 167,4% |
| Саноат | 105 | 132 | 156 | 173 | 164% |
| Сохтмон | 225 | 296 | 340 | 540 | 240% |
| Молия ва қарз, бонкҳо | 396 | 462 | 778 | 850 | 245% |
| Фарҳанг | 251 | 281 | 329 | 523 | 215% |
| Тандурустӣ | 275 | 263 | 447 | 549 | 199,6% |
| Маориф | 299 | 275 | 357 | 568 | 189,9% |
| ХМК | 209 | 267 | 342 | 497 | 237% |
| Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ | 358 | 498 | 669 | 725 | 202,5% |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 260,5 | 307,2 | 415,5 | 533,8 | 206,6% |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва саноат рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда аст, ки даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи пешбининамудаи Кодекси меҳнатро риоя намекунанд.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Дар шароити кунунӣ барои таҳким бахшидан ба муносибатҳои нав дар робита ба ҷорӣ намудани унсурҳои асосии иқтисоди бозаргонӣ вобаста ба таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнати сазовор хеле муҳим мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар дар ноҳия асоси ташаккул ёфтани сарчашмаи даромади воқеии аҳолӣ махсуб гашта барои мунтазам баланд гардидани сифати зиндагии мардум замина мегузорад. Интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушд ёфтани фаъолияти бонкӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, сохтмон ва дастрасӣ ёфтан ба хизматрасониҳои сифатноки бахши иҷтимоӣ дар маҳал нақши муҳимро мебозад.

Ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар соли 2014 ба воситаи бонкҳо аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 1,6 млн. доллари ИМА ва 3,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст. Дар соли 2013 ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 1,2 млн. доллари ИМА ва соли 2012 бошад 970 ҳазор доллари ИМА ташкил дод.

Мутобиқи маълумотҳои расмии мавҷуда муҳоҷират дар соли 2012 ба 1948 нафар (76 зан), дар соли 2013 ба 2259 нафар (90 зан) ва дар соли 2014 ба 1954 нафар (73 зан) расид. Аммо раванди муҳоҷират танҳо соли 2013 афзоиш ёфта ва дар солҳои 2012 ва 2014 нисбат ба соли 2013 мутаносибан ба андозаи 13,8% ва 0,3% коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии чунин тамоюли пастравӣ ба бухрони иқтисодии Федератсияи Россия иртибот дорад.

Бинобар ба вуқуъ пайвастани бухрони иҷтисодӣ дар Федератсияи Россия ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ин кишвар, бахусус бо ифодаи доллари ИМА минбаъд коҳиш меёбад, ки ин равиш ба рушди иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ дар давоми ду-се соли оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Россия бо назардошти ба тасвиб расидани як қатор қонунҳои федералӣ ҷиҳати пурзӯр намудани масъулият барои риоя накардани қонунгузории амалкунандаи муҳоҷиратии Федератсияи Россия, бухрони иқтисодӣ дар натиҷаи таҳримҳо (санксияҳо) нисбати кишвари Россия, паст рафтани қурби рубли русӣ, баланд гардидани арзиши патенту иҷозатнома барои кор, сертификат оид ба касалиҳои ВИЧ инфексия, полиси суғуртаи тиббӣ, сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия коҳиш меёбад.

**3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат**

Соҳаи фарҳанги ноҳия тамаддуни ғанию таърихӣ дорад. Айни замон дар ноҳия 32 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд аст. Бо мақсади муҳофизат ва нигоҳдории ёдгориҳои таърихӣ бо супориши роҳбарияти ноҳия ҷамоатҳое, ки дар ҳудуди онҳо ёдгориҳои таърихӣ ҷойгиранд, ӯҳдадоранд, ки нигоҳубини онҳоро ба зимма гиранд. Гузашта аз ин, дар шӯъбаи фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба нигаҳдории ёдгориҳои таърихӣ воҳиди кории алоҳида мавҷуд аст.

Дар ноҳия инчунин 1 маҳфили адабии «Гулрез», 1 мактаби санъати бачагона, 7 клуби деҳот, боғи фарҳанг, 1 китобхонаи марказӣ ва 17 филиалҳои китобхона фаъолият менамояд.

Шумораи умумии кормандон дар муассисаҳои фарҳангии ноҳияи Шӯрообод 41 нафарро ташкил дод, аз ин 13 нафар дорои маълумоти олӣ, 10 нафар маълумоти миёнаи махсус, 7 нафар дорои маълумоти миёна ва боқимондаашон кормандони техникӣ ташкил менамоянд.

Мушкилиҳои асосии соҳаи фарҳанги ноҳия:

- кӯҳнаю фарсуда гардидани базаи моддию техникии соҳа,
- набудани бинои алоҳида,
- нарисидани асбобҳои мусиқӣ, аз қабили 3 адад фортепиано, 4 адад рубоб, 4 адад ғижжак, 10 адад дафу таблак, 3 адад аккордеон, 3 адад рубоби афғонӣ, 3 адад тор, 5 адад думбра ва 5 адад най;
- норасоии таҷҳизоти 9 адад асбоби баландкунандаи овоз ва 9 ҷуфт васоити мусиқӣ, мизу курсиҳо барои 500 ҷои нишаст;

- ба талаботҳои стандартӣ ҷавобгӯ набудани шароити китобхонаи маркази ноҳия,
- таъмирталаб будани хонаву биноҳои маъмурӣ ва ба сохтмони биноҳои нави муосир эҳтиёҷ доштани китобхонаҳои деҳаҳои Зулмобод, Чагам, Назарбой, Бодомту, Даштиҷум ва Лангардара;
- вуҷуд надоштани биноҳои фароғатӣ ва аттраксионҳо дар боғи фарҳангӣ.

**3.5. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш**

**Соҳаи сайёҳӣ.** Сайёҳӣ дар ноҳияи Шӯрообод яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок дарояндаи наздик маҳсуб меёбад. Мавзеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ландшафти зебои кӯҳӣ, табиати дилпазир, иқлими дашти ва суптропик доштанаш таҳрези инфрасохтори аввалиндараҷа, аз ҷумла: осорхонаи ноҳиявӣ, майдонҳои варзишӣ, боғи истироҳатӣ, тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳои замонавӣ метавонад дар рушди минбаъдаи нохияи Шурообод ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Дар ҳамин хусус, рушди соҳаи туризм барои паст кардани сатҳи бекорӣ дар шаҳр замина гузошта имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад ва барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ тариқи пардохти андозҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар доираи татбиқ гаштани «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» то соли 2017 дар ноҳияи Шӯрообод ба анҷом расонидани як қатор корҳои муҳим ҷиҳати: баргузор намудани Конфронси туристӣ таҳти унвони «Шӯрообод ноҳияи туризм», баҳри муарифии имкониятҳои туризми дохили таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба бунёд ва беҳсозии инфрасохтори туризм, истеҳсол ва пахши маводҳои таблиғотӣ-иттилоотӣ оид ба мавзеҳои тамошобоби нохия,таҳия ва паҳннамоии DVD роликҳои туристӣ миёни сайёҳони хориҷию дохилӣ ва таҳия, нашр ва тавсеаи роҳнамоҳо, нақшаҳои хатсайрҳо, маҷаллаҳо,харитаҳо ва маълумотномаҳои туристӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ ва ғайраҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар баробари ин, барои рушди варзиши кухӣ, лижарони имконоти хеле зиёд мавҷуд мебошад.

**Варзиш.** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи чисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар ноҳияи Шӯрообод нақшаи чорабинниҳои рушди соҳа мушаххасан тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол дар ноҳия ва иштироки онҳо дар лигаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

Ҳоло дар ноҳия 71 иншоотҳои варзишӣ аз чумла; 3 адад майдончаи баскетбол, 34 адад майдончаҳои волейбол, 21 адад майдончаи футбол, 3 адад толорҳои варзиши мавчуд буда ба ҳаводорони варзиш ва мардум барои истифода пешкаш гардидааст. Вале бо назардошти мунтазам афзоиш ёфтани шумораи табиии аҳолӣ, инфрасохтори кунунии ноҳияи Шӯрообод нокифоя буда бунёди муассисаҳои варзишӣ ва иншоотҳои навро тақозо менамояд.

*Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо дар солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Ҷумҳуриявӣ | Байналмилалӣ | Бозиҳои варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷаҳонӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 2 | | - | - | 2 |
| 2 | 2011 | 5 | | - | - | 5 |
| 3 | 2012 | 12 | 1 | - | - | 13 |
| 4 | 2013 | 12 | | 2 | - | 14 |
| 5 | 2014 | 13 | 3 | - | 1 | 17 |

Дар ноҳия 1 адад мактаби варзишии кӯдакону наврасон фаъолият намуда, барои пешбурди соҳа 22 нафар мураббиён аз рӯи 7 намуди варзиш, футбол, волейбол, гуштини

милли, дзю-до, зӯрозмоиҳои универсалӣ, варзиши сабук ва билиярд ба 534 нафар шогирдон машқу тамрин медиҳанд. Дастовардони варзишгарони ноҳия бештар аз намудҳои гуштини миллӣ, зӯрозмоиҳои универсалӣ ва варзиши сабук дастболо гаштаанд. Аз мураббиёни боло зикршуда 4 нафар Мурабии дараҷаи 1 ва 3 нафар Устодони Варзиши 1 нафар номзад ба Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

*Ҷоизаҳои варзишгарон дар мусобиқаҳо дар тӯли солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Медали тилло | Медали нукра | Медали биринҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | - | - | 2 | 2 |
| 2 | 2011 | - | 2 | 3 | 5 |
| 3 | 2012 | 4 | 3 | 6 | 13 |
| 4 | 2013 | 6 | 2 | 6 | 14 |
| 5 | 2014 | 3 | 4 | 10 | 17 |

Иншоотҳои варзишии ноҳия дар бисёр мавридҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, майдонҳои футболбозӣ, волейболбозӣ ва дигар ашёву лавозимотхои варзишӣ, инчунин таҷҳизотҳои машқи бадан ба мушоҳида мерасанд.

**Масъалаҳои ҷавонон.** Ба ҳолати 31.12.2014 дар ноҳияи Шӯрообод шумораи умумии ҷавонон 15638 нафарро ташкил медиҳад. Вале нарасидани марказҳои муосири ҷавонон, кружокҳои омӯзишии касбу ҳунарҳои мухталиф имкон намедиҳад, ки ҷавонон дар ин самт пурра фаро гирифта шаванд.

**Баробарии гендерӣ.** Дар ноҳия мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 31.12.2014 49800 нафар аҳолӣ вуҷуд дорад, ки аз он 24465 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Дар шароити кунунӣ, занони ноҳия дар зинаҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ фаъолият намуда, барои пешрафти ҷомеа саҳми арзанда доранд.

Ба ҳолати 31.12.2014 шумораи занони қобили меҳнати ноҳия 13888 нафар буда, аз ин 15 нафар хизматчии давлатӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, 679 нафар дар соҳаи маориф (дар 54 муассисаи таълимӣ ба 11650 нафар толибилмон дарс меомӯзанд), дар соҳаи тандурустӣ 358 нафар (дар 36 муассисаҳои тиббии шаҳр), 71 нафар дар соҳаи фарҳанг, 12 нафар дар соҳаи коммуналӣ, 26 нафар дар соҳаи саноат кору фаъолият менамоянд. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад 1400 нафар занон кору фаъолият намуда, 247 нафар зан раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд ва саҳми арзандаи худро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар гузошта истодаанд.

*Ҳиссаи занони қобили меҳнат дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи н. Шӯрообод ба ҳолати 31.12.2014*



Дар ин давра дар соҳаи варзиш аз ҳисоби ҷавондухтарон 1 нафар соҳиби медали тилло, 3 нафар соҳиби медали нуқра ва 3 нафар соҳиби медали биринҷӣ гаштаанд. Айни замон шумораи кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон 12 нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳия 54 нафар занон бо соҳибкории хурду миёна машғул мебошанд ва аксаран заноне ҳастанд, ки дар маҳал зиндагӣ мекунанд.

Бо мақсади амалӣ гардидани Барномаи давлатии «Пешгирии зўроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023» кормандони бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шӯрообод дар ҳамбастагӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Наҷоти кӯдакон» ва “Накӯкор” дар доираи Лоиҳаи Пешгирии Зўроварии Хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби САҲА (ОБСЕ) маблағгузорӣ мешавад, дар байни аҳолии ноҳия роҷеъ ба мавзӯи зӯроварӣ дар оила пайваста суҳбату вохӯриҳо мегузаронад.

Баҳри дар амал татбиқ намудани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» дар назди Бахши мазкур маркази машваратӣ-иттилоотӣ таъсис дода шудааст, ки дар он намояндагони ҳифзи ҳуқуқ, дин, тандурустӣ, маориф ва ҳукумати ноҳия шомил мебошанд.

Занону духтарони ноҳия ба марказҳои хизматрасонӣ ба мисли кошонаи ҳусн ва сехи дӯзандагӣ ниёз доранд. Ҳамчунин бо мақсади паст намудани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти ноҳия кушодани сехи дӯзандагӣ ва корхонаҳои хурди коркарди консервакунонии меваю сабзавот манфиатовар аст.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъмини оби нӯшокӣ

Дар соҳаи инфрасохтори ноҳияи Шӯрообод яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа паст будани сатҳи дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокии хушсифат ба шумор меравад. Тақрибан 58,8% аҳолии ноҳияи Шӯрообод бо оби тозаи нӯшокӣ дастрас надоранд. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 78 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст, аҳолии боқимонда ба ҳайси сарчашмаҳои обтаъминкунӣ обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаву ҳавзҳоро истифода мебаранд.

*Таъмини оби нӯшокӣ дар ноҳия дар аввали соли 2015*

| Ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | Ба оби нӯшокӣ дастрас доранд | Бо фоиз | Ба оби нӯшокӣ дастрас надоранд | Бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| Шӯрообод | 10304 | 7119 | 69 | 3185 | 31 |
| Саричашма | 11918 | 3476 | 29,1 | 8442 | 70,9 |
| Нуриддин Маҳмудов | 6431 | 2401 | 37,3 | 4030 | 62,7 |
| Лангардара | 4041 | 912 | 22,5 | 3129 | 77,5 |
| Доғистон | 6628 | 3860 | 58,2 | 2768 | 41,8 |
| Даштиҷум | 4691 | 1920 | 40,9 | 2771 | 59,1 |
| Чагам | 5787 | 830 | 14,3 | 4957 | 85,7 |
| Ҳамагӣ: | 49800 | 20518 | 41,2 | 29282 | 58,8 |

Дар солҳои 2010-2015 дар маҳаллаҳои гуногуни ноҳия аз тарафи ташкилоти байналмиллалии Фонди Оғохон хатҳои оби нӯшокӣ сохта ва мавриди истифода қарор дода шуданд. Назорати он мувофиқи қарордоди сеҷониба ба Ассотсиятсияи истифодабарандагони об, марказҳои дастгирии ҷамоатҳо ва ҷамоатҳои деҳот вогузор шуд, вале ин механизм дар аксари маҳаллаҳо ҳалли худро пайдо накардааст.

*Намудҳои асосии сарчашмаҳои обтаъминкунӣ дар ноҳияи Шӯрообод*




Ҳолати аз ҳама вазнине, ки ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ вобаста аст, дар ҷамоатҳои Саричашма, Лангардара, Чагам ва Саричашма ба назар мерасад. Дар сатҳи ҷамоатҳо деҳаҳое мавҷуданд, ки аҳолии онҳо дар тамоми давраи сол аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Ин мушкилотро асосан дар деҳаҳои навбунёдгашта дидан мумкин аст: Кӯҳдоман, Навобод, Роғиён ва Файзобод. Ба ғайр аз ин, дар ноҳия деҳаҳое ҳастанд, ки ба сарчашмаҳои оби нӯшокӣ дастрасии маҳдуд доранд: Сино, Кӯҳдоман, Шӯрообод, Хайркорон, Себдара (ҷ. Шӯрообод) Назарбоӣ, Чагам, Бодомту (ҷ. Чагам), Доғистон, Кафтар, (ҷ. Доғистон), Саричашма, Гулистон, Ҷилга, Бобоносир (ҷ.

Саричашма), Порвор, Хирманҷо ва Нуриддин Маҳмудов (ҷ. Нуриддин Маҳмудов), Шоҳон ва Руйкаш (ҷ. Даштиҷум). Мушкилии асосии таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар он аст, ки дар баъзе деҳаҳо сарчашмаи обтаъминкунӣ вуҷуд надорад, яъне об тамоман нест. Дар ҳоли ҳозир дар ноҳия 5 насоси обкашӣ барои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ мавҷуд аст, ки яктои он корношоям мебошад. Насосҳои обкашии мавҷуда қудрати пурра таъмин намудани аҳолиро бо оби тозаи нӯшокӣ надоранд.

Дар ҳудуди маркази ноҳия корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" оид ба таъминоти об фаъолият мекунад, ки танҳо аҳолии маркази ноҳияро бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд. Айни ҳол дар корхона 36 нафар коргар фаъолият мекунанд, ки 3 нафарашон дар соҳаи обтаъминкунӣ машғули кор ҳастанд. Дар корхона хати марказии обтаъминкунӣ ва 1 обанбор вуҷуд дорад, ки дар он ба миқдори 200 $м^3$ оби нӯшокӣ нигоҳ дошта мешавад.

Мушкилоти асосӣ дар ин самт кӯҳнаю фарсуда гардидани воситаҳои техникии корхона, набудани таҷҳизот ва техникаи зарурӣ (дастгоҳҳои кафшергарӣ, экскаватор, трактор) мебошад. Мутассифона, на ҳама сарчашмаҳои оби нӯшокӣ ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ ҳастанд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби касод будани буҷет ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад. Нагузаронидани чунин ташхисҳо ба бемориҳои домана (тиф) ва дизентерияи бактериявӣ оварда мерасонад.

**4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ**

Дар ноҳияи Шӯрообод барои тоза намудани кӯчаву хиёбонҳо аз партовҳо ва кашонидани партовҳо, нигоҳдории фонди манзил, тозагии санитарӣ, таъмири шабакаи равшандиҳии кӯчаҳо, ободонию кабудизоркунӣ Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» мутасаддӣ мебошад. Ҳамзамон тайёрӣ ва ҷашнгирии маракаҳои сиёсию оммавӣ, ороиши кӯчаҳои ноҳия бо шиору навиштаҷот, қонеъ намудани дархостҳои хизматрасониҳои коммуналии шаҳрвандон ба зиммаи ин корхона вогузор гардидааст. Шумораи кормандони корхонаи мазкур аз 68 нафар, аз ҷумла 14 нафар занон иборат мебошад. Дар соли 2014 музди миёнаи кормандон 370 сомониро ташкил дод.

Аз шумораи умумии кормандони корхона дорои маълумоти олӣ 4 нафар, 2 нафар дорои маълумоти касбӣ техникӣ ва коргарони боқимонда дорои маълумоти миёна доранд. Муассисаи мазкур асосан ба 350 хоҷагиҳои аҳолӣ, 10–адад ташкилотҳои буҷетӣ ва 7-адад корхонаҳои саноати хизмат мерасонад.

Сабаби асосии пурра фаро гирифта нашудани хоҷагиҳои ноҳия ба хизматрасонии коммуналӣ, нокифоягии иқтидори техникию имкониятҳои корхона ва набудани шартномаҳои тарафайн мебошад. Маҳдудияти имкониятҳои молиявии корхона маҳдуд буда, маблағгузории он дар соли 2014 ҳамагӣ 430 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки он барои пардохти музди меҳнат ва андозҳо сарф гаштааст.

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонии коммуналӣ дар соли 2014 – 450,0 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 ба андозаи 15 ҳазор сомонӣ ва ё 3,1 фоиз зиёд мебошад. Маблағи солонаи хизматрасонӣ барои ҳар як муштарӣ дар соли 2014 - 38 сомониро ташкил додааст.

Маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ барои пурра ҳал намудани ҳамаи корҳои ба зимма гузошташуда ғайриимкон буда, барои таъмири роҳу роҳравҳо ва дигар иншоотҳо маблағ ҷудо карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳамасола ба қадри имкон роҳу роҳравҳо таъмир карда мешаванд.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба ҳар як истиқоматкунандаи маркази ноҳия дар тӯли солҳои 2012-2014 ба ҳисоби миёна 1,59 $м^3$ - ро ташкил додааст.

Ҳаҷми умумии партовҳои аз ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои буҷетию ғайрибуҷетии ноҳия баровардашаванда 41%-и ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил медиҳад.

Дар ноҳия шабакаи канализатсия ва иншооти тозакунанда умуман вуҷуд надорад ва ин ҳолат ба ҷамъшавии ҳаҷми зиёди партовҳо ва ифлос шудани муҳити зист оварда мерасонад.

Дар панҷ соли минбаъда фаъолияти корхонаи мазкур бояд ба ҳаллу фасли мушкилиҳои асосии соҳа, аз ҷумла баланд намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ, харидорӣ намудани техникаи коммуналии ҳозиразамон тавассути ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ, зиёд намудани шумораи қуттиҳои партовҷамъкунӣ, фарсуда ва таъмирталаб гардидани шабакаҳои таъминоти об тавассути таҷдиду азнавсозӣ, паст будани музди меҳнати коргарон тавассути беҳтар намудани ҳавасмандгардонӣ мебошад. Инчунин нархи баланди сӯзишворӣ низ боиси баланд гаштани нархи хизматрасонӣ мегардад.

Партовгоҳи марказии ноҳияи Шӯрообод дар масофаи 5 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, масоҳати умумии он ба 1 га баробар аст ва то кунун гирду атрофи он девори иҳотавӣ надошта, дар мавсими тирамоҳу зимистон роҳи хокии он мушкилгузар мешавад. Илова бар ин нуқтаҳои партовпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омада, каналу ҷӯйҳои обпарто низ ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд. Партовгоҳ ба меъёрҳо ҷавобгӯ бошад, ҳам аз сабаби дур ҷойгир будан ва нарасидани техникаҳо самаранок истифодабурда намешавад, дар он барои гуронидани ҷасадҳои ҳайвонот чуқурии махсус пешбинӣ нашудааст. Дар шаҳраки ноҳия 14 қуттиҳои партобҷамъкунии ташкил карда шудааст. Айни замон барои беҳтар ва ташкил намудани хизматрасони коммуналӣ дар деҳот ягон чораи лозимӣ дида нашудааст. Набудани партовгоҳҳо ва ҷойҳои махсуси несту нобуд кардани онҳо дар сатҳи деҳот ба ҳолати эпидемиологии ноҳия таъсири манфии худро расонида истодааст. Корхона базаи техникӣ надорад, ҳамаи корҳо ба тариқи шартномавӣ иҷро карда мешавад.

Дар натиҷаи таъмини идораи манзилию коммуналӣ бо техникаю мошинҳои лозима сатҳ ва сифати хизматрасонии соҳа беҳтар мегардад.

Дар тавозуни Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ инчунин 16 км роҳҳои автомобил, 1 га партовгоҳи марказӣ қарор дорад. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ 1,4 га - ро ташкил медиҳад.

Мушкилии дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии ҳамагуна воситаҳои техникӣ, нарасидани воситаҳои молиявӣ, низоми сусти мониторинг ва истифодаи усулҳои пешқадами парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо ва дигар гулҳои ороишӣ мебошад.

Дар солҳои охир тамоюли афзоиши ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ ба назар мерасад, ки сабаби он афзоиши табиии аҳолӣ, ва корхонаву муассисаҳо ва бахши савдо ва хизматрасонӣ мебошад. Ҷамъоварӣ ва нест кардани партовҳо имрӯз барои ноҳия яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад. Ҳаҷми истеҳсоли партовҳои сахти маиши дар ноҳияи Шӯрообод дар соли 2013 беш аз 6,1 ҳазор $м^3$ ва дар соли 2014 9,2 $м^3$-ро ташкил дод.

*Мушкилиҳои асосии соҳа.* Набудани нуқтаи ҷамъовари ва безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдор, Шартнома надоштани аҳолии боқимондаи шаҳраки Шӯрообод бо корхонаи мазкур ва дастрасӣ надоштани аҳолии ҷамоатҳои деҳот ба хизматрасониҳои коммуналӣ, норасоии техникаи махсуси партовҷамъкунӣ, автомашинаҳои «гидрорукав», заминкан, боркаш, обпошак, «мехлопата», қуттиҳои партобҷамъкунии, набудани шабакаи таъминоти гармӣ, таъмирталаб гаштани болопӯшхонаҳои мавҷуда мебошад.

Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд ва ин мушкилот аз ҳама бештар дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ба назар мерасад. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ ва техникӣ, иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар сатҳи ҷамоатҳои ноҳия таъсис додани муассисаҳои коммуналӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**4.3. Таъмини барқ**

Ба идоракунӣ ва хизматрасонии шабакаҳои барқи ноҳия корхонаи шабакаҳои барқи ноҳияи Шӯрообод, ки дар тобеияти ҶСНК «ШБ Кӯлоб» қарор доранд, машғул ҳастанд. Ҳоло дар шабакаи мазкур 72 нафар фаъолият доштa, аз ин 8 нафарашон кормандони муҳандисию техникӣ, 20 нафар назоратчии шӯъбаи фурӯши барқ ва боқимонда навбатдорони зеристгоҳҳои барқӣ ва барқчиён мебошанд, ки ба аҳолии ноҳия хизмат мерасонанд.

Миқдори умумии зеристгоҳҳои барқӣ дар қаламрави ноҳия 170 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 100 адад дар тавозуни идораи мазкур ба қайд гирифта шудаанд ва боқимонда 70 адад дар тавозуни дигар муассисаҳои истифодабарандагон мебошад. Миқдори зеристгоҳҳои барқӣ 35/10 кВт – 3 адад бо иқтидори 11800 кВт ва зеристгоҳи барқии 35/04 кВт 1 адад бо иқтидори 400 кВт мебошад. Дарозии умумии хатҳои интиқоли барқ 10-6 кВт -224 км, 0,4 кВт -320 км-ро ташкил медиҳад. Хатҳои интиқоли барқи 10-6 кВт аз тарафи Шабақаи барқ гузаронида мешаванд, ки дарозиаш 30 км –ро ташкил медиҳад.

Бо назардошти маҳдудияти интиқоли қувваи барқ аҳолии ноҳия дар мавсими зимистон ҳангоми тайёр намудани хӯрок ва гарм кардани хонаҳо асосан аз ҳезум, тапак, ангишт, сӯзишвории дизелӣ (солярка) ва бо газ истифода мебаранд.

Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои интиқоли барқ ва симчӯбҳо ба ҳисоб меравад. Аммо дар ноҳия деҳаҳое мавҷуданд, ки бо барқ таъмин нестанд. Ин мушкилотро асосан дар деҳоту ҷамоатҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст: ҷ/д Шӯрообод – деҳаҳои Ургайлак, Зу, Коргарон, Навободи Давлатобод ва ҷ/д. Лангардара – деҳаҳои Ҳавза, Гринг, Кулако, Хамимаҳлаб, Деҳфидюн, ҷ/д Даштиҷум – деҳаҳои Шоинак, Сафедоб, Лов, Қумроғ, Дихо, Кавлуҷ, Ҷирк, Шели боло, Шаҳристон. Ин деҳаҳо асосан дар масофаи 60-85 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шудаанд.

*Миқдори фурӯши қувваи барқ дар ноҳияи Шӯрообод дар давоми солҳои 2012– 2014*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Фурӯши қувваи барқ | ҳ.сомони | 1540 | 1974 | 1895 |
| 2 | Ҳаҷми умумии қувваи барқи фурӯхташуда | млн.кВт/с | 19,5 | 22,6 | 19,9 |
| 3 | Аз он ҷумла аҳолӣ | ҳ.сомони | 971,6 | 1107,2 | 1043,7 |
| 4 | -ташкилотҳои буҷетӣ | ҳ.сомони | 496,8 | 783,5 | 773,6 |
| 5 | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | ҳ.сомони | 72,3 | 83,6 | 78,5 |
| 6 | Арзиш 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна): | дирам | | | |
| | - аҳолӣ | дирам | 9 | 11 | 12,6 |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ | дирам | 8,5 | 10,6 | 12,2 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | дирам | 31,42 | 31,42 | 36,10 |
| 7 | Қарзи умумии муштариён, аз он ҷумла: | ҳ.сомони | | | |
| | - аҳолӣ | ҳ.сомони | 1334 | 1873 | 2236 |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ | ҳ.сомони | 94,1 | 162,1 | 227 |
| | - ба ғайрибуҷетӣ | ҳ.сомони | 26,7 | 19,5 | 29,1 |
| 8 | -талафоти умумӣ | ҳ.кВт/с | 2742 | 3052 | 2792 |
| | -талафоти умумӣ | % | 12,5 | 13,5 | 14 |

Баландшавии мунтазами нархи қувваи барқ ба қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар соли 2014 қарзи аҳолӣ ба 2236 ҳазор сомонӣ ташкил дод. Аз сабаби паст будани сатҳи даромаднокии аҳолӣ пардохти қарз сол то сол мушкилтар мегардад.

Бо назардошти рушди демографӣ ва ба истифода супоридани иншоотҳои саноатию иҷтимоӣ дар панҷ соли минбаъда, яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи таъминоти барқ дар ноҳияи Шӯрообод иваз намудани 6 км пояҳои фарсудашудаи ХИБ 10 кВ, иваз намудани 6 адад трансформатори тавоноиаш 100 ба 250 кВА ва шинонидани трансформаторҳои иловагӣ дар маҳалаҳои аҳолинишини деҳаҳои Назарбой, Аэропорт,

Мирзоалӣ ва Нуриддин Маҳмудов мебошад. Кашидани хати барқ 10/0,4 кВ ва шинонидани трансформатор дар деҳаҳои Кӯҳдоман, Файзобод, Роғиён, Ҷавонон ва Хайкорон дар назар гирифта шудааст.

**4.4. Нақлиёт ва роҳ**

Робитаи ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ва коркард ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он бароварда мешавад.

Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро мебозад, ки талаботро дар кашонидани маҳсулот байни хоҷагиҳо таъмин менамояд.

Соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия тавассути соҳибкорон аз худ карда мешавад. Дар ин соҳа 1280 мошин, аз ҷумла 349 адад мошини боркаш, автобусҳои хурд 10 адад ва беш аз 921 нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд. Инчунин, дар соҳаи мазкур зиёда аз 100 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 30 нафар ба боркашонӣ, 3 нафар тариқи автобусҳо ва 65 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат расонида, талаботи аҳолии ноҳияро пурра қонеъ мегардонанд.

*Нишондодҳои асосии соҳа дар давоми солҳои 2013 – 2014*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши савдои чакана | ҳазор сомонӣ | 19396,1 | 20703,5 |
| 2 | Ҳаҷми хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 25145,3 | 23631,3 |
| 3 | Ҳаҷми боркашонии нақлиётӣ | ҳазор тонна\км | 300,4 | 301 |
| 4 | Ҳаҷми мусофиркашонии нақлиётӣ | ҳаз. мусофир/км | 675,2 | 722,5 |

Дар ноҳия «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» (МДНРА) ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои ноҳия машғул аст, ки тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳоло дар ин муассиса 53 нафар аз ҷумла 5 нафар зан кор ва фаъолият мекунанд. Муассисаи мазкур 10 адад техникаи роҳсозӣ дар ихтиёр дорад, ки аз инҳо 6 ададаш коршоям буда, боқимонда фарсуда гардидаву таъмирталабанд ва барои таъмири онҳо маблағи зиёд зарур аст.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 289,7 км роҳи автомобилгард барои истифодаи умум қарор дорад, ки аз ин 67 км роҳи аҳамияти байналмиллалидошта, 41,5 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 181,2 км роҳи дорои аҳамияти маҳаллидошта мебошад. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бад қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Дар солҳои 2012-2014 барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ тавассути буҷети маҳаллӣ 113 ҳазор сомонӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ 970 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда бошад ҳам, кифоя нест. Зеро тибқи меъёри мавҷуда барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ 1 млн. сомонӣ барои 1 км муайян шудааст.

Роҳҳои мошингарди маҳаллии ноҳия (беш аз 68 км), ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунад, ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Лоиҳаи азнавсозии қитъаи роҳи 40-километраи Шӯрообод-Шоҳони шоҳроҳи Душанбе-Кӯлоб-Дарвоз-Хоруғ-Кулма-сарҳади Хитой идома дорад, ки дар айни ҳол 50% маблағҳои пешбинишуда азхуд кардашуд. Ин қитъа аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои байналмиллалии (Бонки Рушди Осиё, Бонки Кувейти рушд) ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 102 млн. доллари ИМА сохта шуда истодааст. Дар минтақаи мазкур 9 кӯпрук, ки дарозии умумиашон 1064 метрро сохта ба истифода дода шуд. Дар байни онҳо аз ҳама дарозтарин кӯпруки Сангоби Шӯробак мебошад, ки дарозиаш 306 метрро ташкил медиҳад. Дар 72 ҷои ин роҳ барои муҳофизат аз обхезиву селборишҳо қубурҳои калони обгузар гузошта шудааст. Дар давоми соли 2016 сохтмони роҳ бояд бо сифати аъло ва ба стандартҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯ ба итмом расад ва ба истифода супорида шавад.

*Мушкилиҳои бахши нақлиёт ва роҳдории ноҳия*, хусусан муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард чунинанд:

- Норасоии техника, аз ҷумла техникаҳои заминкан ва боркаш (самосвал),
- Ба таъмир ниёз доштани 50 км роҳи маҳаллии Ёғук-Ҳазрати Эмон,
- Норасоии битум (250 тонна) барои гузаронидани таъмири роҳҳо.
- Норасоии қисмҳои эҳтиётии техникаи роҳсозӣ.

**4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Дар соҳаи алоқа ва фазои иттилотии ноҳия, шӯъбаи ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» ҳамчун корхонаи асосии соҳаи алоқа ба шумор меравад. Корхона бо таҷҳизотҳои замонавӣ таъмин буда, тавассути он ба ноҳия хатти алоқаи нурию нахӣ кашида шудааст, ки имкон медиҳад муштариён ба алоқаи интернетӣ ва почтаи электронӣ пайваст шаванд.

Аҳолии ноҳия аз хизматрасониҳои ширкатҳои алоқаи мобилӣ, аз ҷумла «TCEL», «Вавилон», «Мегафон» ва «Билайн» гузашта истодааст.

Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳия яке аз корхонаҳои асосии алоқаи ноҳия ба шумор меравад. Дар он 15 корманд ва мутахассис фаъолият мекунанд. Дар заминаи корхона истгоҳи рақамии ZTE-10, ки дорои 1068 рақам мебошад, пайваст шудааст. Ноҳияи Шӯрообод иқтидорҳои зеринро дорост:

- дарозии каналҳои телефонии байни деҳотӣ - 160 км;
- шумораи истгоҳҳои телефонӣ- 1 адад;
- ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ 1100 адад - 1100 адад;
- шумораи дастгоҳҳои асосии телефонӣ - 290 адад.

Ҳоло аз сабаби норасоии симҳо ва симчӯбҳои телефонӣ танҳо 300 рақам истифода мешаваду халос. Ба таъмин будани ҶСШК «Тоҷиктелеком» бо таҷҳизоти ҳозиразамон нигоҳ накарда, корхона бинои маъмурӣ надорад. Ҳоло ҶСШК «Тоҷиктелеком» дар бинои кӯҳнае, ки аз 5 ҳуҷра иборат асту ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест, ҷойгир шудааст. Корхонаи мазкур ба сохтмони бинои замонавӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар ноҳия 8 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал карда, ба аҳолӣ имконият медиҳад, то барномаҳои «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва ТВТ-ро тамошо кунанд. Фарогирии барномаҳои телевизионӣ дар ноҳия чунин аст: «Сафина» - 70%, «Баҳористон» - 50%, Ҷаҳоннамо» -50 % ва ТВТ- 70%.

Дар ноҳия моҳе ду маротиба рӯзномаи «Насими Терай» бо забони тоҷикӣ ба теъдоди 1400 нусха нашр мешавад, ки аҳолиро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ноҳия огоҳ месозад. Мутаассифона, аз сабаби кӯҳнаю фарсуда гардидани бинои матбаа ва таҷҳизоти чопӣ «Насими Терай» дар шаҳри Душанбе интишор мегардад, ки ин арзиши аслии рӯзномаро ба аҳолии деҳот гаронтар мекунад. Мушкилоти дигар барои матбааи ноҳия надоштани технологияи муосир, фотоаппарат ва асбобҳои сабти овозу симо мебошад.

Аз сабаби дурдаст будани ноҳия аҳолӣ ба алоқаи интернет дастрасии маҳдуд дорад. Дар ноҳия дастрасӣ ба интернет асосан тавассути хизматрасонии Телеком сурат мегирад. Азбаски дар ин ҷо техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон вуҷуд надорад, сифати хизматрасонӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист “Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Шӯрообод” фаъолият менамояд, ки аз 5 нафар корманд (сардор, 2 нозири давлатӣ ва нозири тибқи шартнома фаъолиятдошта) иборат аст. Вазифаи асосии шӯъбаи мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табии (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад.

Ноҳияи Шӯрообод яке аз ноҳияи аграрии вилояти Хатлон буда, проблемаҳои экологии он ба фаъолияти соҳаи кишоварзӣ алоқаманд аст.

Масъалаҳои ҳалталаби соҳа, аз ҷумла:

- *ифлосшавии ҳавои атмосферии ноҳия*
- *шуршавӣ ва бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ҳудуди ҷамоатҳо,*
- *дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза ва набудани системаи обу ташноб;*
- *ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои хатарнок ва сахти маишӣ,*
- *бад шудани ҳолати чарогоҳҳои ноҳия,*
- *зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон ва қӯруқшиканӣ, камшавии гектар майдони дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо,*
- *баланд бартоштани сатҳи маърифати экологии аҳоли.*

Ҳаҷми асосии ифлосшавии ҳавои атмосферии ноҳия аз рӯи ҳаҷми партовҳои моддаҳои зарарнок аз нақлиёти автомобилӣ мебошад (1280 *адад)*. Ҳиссаи сӯзонидани сӯзишворӣ аз ҷониби аҳолӣ аз рӯи ҳаҷми умумии партовҳо ҷои дуюмро ташкил медиҳад. Солҳои охир истифодаии умумии ангишт ва ҳезум барои гармкунии ҳуҷраҳо ва омода намудани хӯрок афзоиш ёфт. Аз ин рӯ, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии партовҳо ба атмосфера тамоюл ба афзоиш дорад. Сеюм манбаи ифлосшавии ҳавои атмосферӣ партовҳои иншоотҳои саноатӣ мебошанд.

Яке аз мушкилотҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад ин надоштани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳадди имконпазирии партовҳо, хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ мебошад. Дар ноҳияи Шӯрообод ба истисноӣ корхонаҳои саноатӣ ҳуҷҷатҳои номбаршударо надорад, ки ин барои пешбурди дурусти соҳа дар сатҳи маҳал таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, то кунун таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатии ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. Барои кам кардани ҳаҷми партовҳои газ ва чангмонанд, дар навбати аввал корхонаҳои ноҳияро бо таҷҳизоту филтрҳои чангҷамъкунандае, ки қобилияти 70-90 фоиз кам намудани партови чангро доранд, таҷҳизонидан лозим аст.

Дар ноҳия майдони заминҳои ғайри мелиоративӣ 170 га -ро ташкил медиҳанд, ки ин 18% заминҳои обӣ мебошанд.

Сабабҳои асосии баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ заминҳои кишоварзи ноҳияи Шӯрообод ин тоза нагардидан ва таъмирталаб гаштани 64 км каналҳо-шабакаҳои обгузари дохили хоҷагӣ заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва 49 км каналҳо-шабакаҳои байнихоҷагӣ заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ ва дар ҳолати ногувор қарор доштани иншоотҳои мелиоративӣ мебошад. Мутаассифона зиёда аз 8 гектар заминҳои обӣ бинобар бад гаштани ҳолати мелиоративиашон, тайи солҳои охир мавриди кишти зироатҳо қарор намегиранд. Дар натиҷа сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд шуда, ва бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад.

Норасоии техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон корхонаро дар баровардани партовҳо бо мушкилот мувоҷеь мегардонад, зеро масоҳати партовгоҳ 1 га дар масофаи 5 км аз маркази ноҳия дуртар дар мавзеи ҷамоатҳои Шӯрообод ҷойгир мебошад. Дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин партов дар даруни сой, наздикии ҳавлиҳо ва ҷойҳои ғайримуқаррарӣ партофта мешавад. Суст будани низоми идоракунӣ ва набудани

назорати доимӣ мушкилотро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Ин мушкилиҳо дар сатҳи деҳот бештар ташвишовар арзёбӣ мегардад.

Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад.

Манбаъи дигар ташаккули партовҳо муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байтории ноҳия мебошанд. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сӯзонидани партовҳои хатарнок, барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст. Дар айни замон дар ноҳия чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад.

**5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва паст кардани хатари пайдоиши онҳо**

Ҷамоатҳои ноҳияи Шӯрообод асосан мувоҷеҳи селҳо ва ярчҳо ҳастанд. Ба ғайр аз ин, ноҳия ниҳоят сербарфу борон буда, хунукиҳои сахт дар тамоми ҳудуди он ҳукмронанд.

Ҳамагӣ аз 7 ҷамоати ноҳия дар 6 ҷамоат минтақаҳои хатарнок ҷойгиранд. Аз 115 деҳа 25 деҳа мувоҷеҳи офатҳои табиӣ мебошанд, ки 21,7% нуқтаи аҳолинишинро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои хонагии ноҳия, 670 хоҷагӣ, ки 10,9% мебошад, дар минтақаи хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 2923 нафар – 6,1% аҳолӣ зиндагӣ мекунанд.

*Таносуби умумии шумораи деҳоти дар минтақаҳои хатарнок ҷойгирифтаи ноҳия*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Даштиҷум | 18 | 3 | 17 |
| 2 | Шӯрообод | 21 | 5 | 23,8 |
| 3 | Саричашма | 26 | 7 | 26,9 |
| 4 | Лангардара | 22 | 3 | 13,6 |
| 5 | Доғистон | 8 | 3 | 37,5 |
| 6 | Нуриддин Махмудов | 10 | 4 | 40 |
| 7 | Чаган | 10 | 0 | 0 |
| | Ҳамагӣ: | 115 | 25 | 21,7 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоат, ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок (%) |
| 1 | Даштиҷум | 585 | 53 | 9,1 |
| 2 | Шӯрообод | 1258 | 161 | 12,8 |
| 3 | Саричашма | 1426 | 202 | 14,2 |
| 4 | Лангардара | 636 | 85 | 13,4 |
| 5 | Доғистон | 778 | 96 | 12,3 |
| 6 | Нуриддин Махмудов | 751 | 73 | 9,7 |
| 7 | Чаган | 718 | 0 | 0 |
| | Ҳамагӣ: | 6152 | 670 | 10,9 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ ҳамагӣ | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок (%) |
| 1 | Даштиҷум | 10214 | 247 | 2,4 |
| 2 | Шӯрообод | 6242 | 570 | 9,1 |
| 3 | Саричашма | 5563 | 890 | 16 |
| 4 | Лангардара | 10957 | 94 | 0,9 |
| 5 | Доғистон | 6150 | 627 | 10,2 |
| 6 | Нуриддин Махмудов | 4569 | 495 | 10,8 |
| 7 | Чаган | 4198 | 0 | 0 |
| | Ҳамагӣ: | 47893 | 2923 | 6,1 |

*Номгӯи офатҳои табиие, ки деҳотро таҳдид мекунанд*

| Ҷамоат | Деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Доғистон | Доғистон | Селҳо | Шӯрообод | Хоҷағалтон | Эрозия |
| | Дараиоб | Селҳо | | Зулмобод | Селҳо |
| | Кафтар | Селҳо | | Девдор | Селҳо |
| Даштиҷум | Даштиҷум | Селҳо | | Туданӣ | Селҳо |
| | Ҳисораки боло | Ярч | | Себдара | Селҳо |
| | Сафедоб | Селҳо | Саричашма | Саричашма | Селҳо, ярч, фурӯравӣ |
| Лангардара | Сурхаи гарданга | Селҳо | | Мирзоалӣ | Селҳо |
| | Нишорак-Лангар | Селҳо | | Арабо | Селҳо |
| | Кулако-хамбед | Селҳо | | Одинабой | Селҳо, ярч |
| Нуриддин Маҳмудов | Нуриддин Махмудов | Селҳо, ярч | | Пистамазор | Ярч |
| | Саринамак | Селҳо | | Мишкорон | Селҳо, ярч |
| | Порвор | Селҳо, обхезиҳо | | Оби тира | Ярч |
| | Анҷироб | Селҳо | | Чилга | селҳо, ярч |

Ҳамзамон, барои ноҳия аз ҳама хафнок канда шудани кӯли Сарез аст. Дар ҳолати канда шудани ин кӯл минтақаи хафноктарине, ки зери об мемонад ин:

- ҷамоати Нуриддин Маҳмудов бо ду деҳот: деҳаи Хирманҷо бо аҳолии 843-нафара ва деҳаи Кишт бо 1223 нафар аҳолӣ дар 107 хоҷагии хонагӣ;
- ҷамоати Саричашма: қишлоқи Саритангӣ бо 346 нафар аҳолӣ ва қишлоқи Саричашма бо 2853 нафар истиқоматкунанда.

Ҳисоб кардани шумораи офатҳои табиӣ дар давраи солҳои 2012-2014 ба вуҷудомада имконнопазир аст, зеро дар санадҳо хисороти умумие, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ тайи ин солҳо ба вуқӯъ омадааст, нишон дода нашудааст ва шумораю намудҳои офатҳои табиӣ ба қайд гирифта нашудаанд.

*Таносуби буҷети ноҳия ва зарарҳои расонидаи ҲФ*




Дар натиҷаи офатҳои табиӣ тӯли се соли охир ҳамагӣ 15 миллиону 27 ҳазору 470 сомонӣ зарар расонида шудааст, ки ин 56 фоизи буҷети ноҳияро ташкил медиҳад. Зарари аз ҳама зиёд дар соли 2014 рост омад. Сабабгори асосӣ боронҳои шадид буданд, ки боиси омадани сел ва обхезиҳо гаштанд.

Хисороти бештар аз ҲФ ба инфрасохтор, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ворид шудааст.

*Зарарҳое, ки ҲФ ба инфрасохтори ноҳия расонид*

| Иншоотҳои зарардида | Маблағи зарар, сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | с.2012 | с.2013 | с.2014 | Ҳамагӣ дар солҳои 2012-2014 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | | 295000 | 3293500 | 3 588 500 |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ | | | 38400 | 38 400 |
| Муоличахона ва беморхонаҳо | | | 3000 | 3 000 |
| Иншоотҳои маданию маишӣ | | 4500 | 1500 | 6 000 |
| Роҳҳо | | 183200 | 1197000 | 1 380 200 |
| Пулҳо | | 100000 | 5800000 | 5 900 000 |
| НИБ (ЛЭП) | | | 90700 | 90 700 |
| Хатҳои алоқа | | | 15000 | 15 000 |
| Нахр ва нуқтаҳои обгирӣ | | 17900 | | 17 900 |
| Истгоҳҳои обкашӣ ва иншоотҳои обтаъминкунӣ | | | 107000 | 107 000 |
| Хатҳои обгузар ва канализатсионӣ | | | 107100 | 107 100 |
| Кишоварзӣ | 183170 | 576400 | 1 246900 | 2 006 470 |
| Иншоотҳои дигар | | | 1 608000 | 1 608 000 |

Дар давраи нишондодашуда хисороти зиёдтар аз қиёси фоизӣ ба соҳаи кишоварзӣ расидааст. Ин хисороти ба кишоварзӣ расида дар ҳамин давра беш аз 8 маротиба аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия, ки ба ин соҳа равона шудааст, афзунтар аст (1 млн. 738 ҳаз. 270 сомонӣ ё 857,7% аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия).

Дар сурати ба вуқӯъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда сохтори омодабошӣ ва эътинои ноҳияи Шӯрообод чунин пешбинӣ шудааст:

**Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳияи Шӯрообод**




Айни замон, дар ноҳияи Шӯрообод 9 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба эътинои офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд. Дар зер рӯйхати хадамоти мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда шудааст:

| Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком») | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа – 1 адад<br>Асбобҳои бонги баланд – 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) - 1 адад. | Ноқил п 27 А, 1,3 км<br>Сӯзишвории дизелӣ – 100 л.<br>Равғани дизелӣ – 40л. | Маркази алоқа ва огоҳкунӣ-10 адад.<br>Ноқил -10,5 км.<br>Муҳаррикҳо – 1 адад.<br>Мошинаи боркашӣ -1 адад.<br>Маводи сӯхтор ва молиданӣ - 4,5 тонна.<br>Симчӯбҳо-500 адад. |
| Хадамоти таъмини тартибот (ШКД) | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавчуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Нақлиёти автомобилӣ-3 адад | Вуҷуд надорад | Нақлиёти автомобилӣ – 3 адад<br>Мотосикл - 10 адад |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавчуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Нав таъсис дода шудааст | Вуҷуд надорад | Автомашинаи сӯхторхомӯшкунӣ – 1 адад.<br>Дастпӯшаки сӯхторхомӯшкунии диаметраш 77 мм – 600 м<br>Дастпӯшаки сӯхторхомӯшкунии диаметраш 51 мм – 600 м<br>Дастпӯшаки сӯхторхомӯшкунии диаметраш 66 мм – 600 м<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 125 мм – 4 дона<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 77 мм – 4 дона<br>Ниқоби муқобили газ – 15 дона.<br>Халтаи боргирӣ – 5 дона.<br>Дастгоҳи ҳавои тоза – 15 адад |
| Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавчуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ-61 нафар<br>Булдозер Т-170- 2 адад<br>Булдозер ДТ -75 - 2 адад<br>Трактор Т-28-1адад<br>Автогрейдер-2 адад<br>Автомошинаи УАЗ-469 – 1 адад | Вуҷуд надорад | Ҳамаи лавозимоти зарурӣ |
| Хадамоти коммуналӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавчуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Техникаи автомобилӣ:<br>ГАЗ – 53 – АСМ – 1 адад<br>Трактори Т-28 - 1адад<br>Бригадаи зудамал -10 нафар<br>Гурӯҳи наҷотдиҳандагон ба дараҷаи баланди омодабошӣ - 15 нафар<br>Гурӯҳи ба дараҷаи баланди омодабошии корҳои техникӣ- 11 нафар<br>Кормандон - 36 нафар | Вуҷуд надорад | МСМ (ГСМ) – 5 тонна<br>Автомашинаи АСМ – 1 адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ – 1 адад<br>Трактори Т 28 - 1 адад<br>Трактори намуди МТЗ 80 – 1 адад |
| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавчуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 14 нафар<br>Автомашинаи сабукрав - 1адад<br>Озмоишгоҳи паразитология ва бактерология – 1 адад<br>Яхдон - 1 дона<br>Микроскопи дастӣ – 1 дона | Сӯзанакҳои 0,5 млгр – 100 дона<br>Пахта – 2 кг<br>Докаҳо – 20 дона.<br>Хлор – 50 кг | Гиперхлорид – 1000 кг.<br>Дез. камераи сайёр – 1 адад .<br>Муҳаррик – 1 адад<br>Дистиллятор – 1 адад<br>Либосҳои махсус – 18 ҷуфт<br>Пироҳани муқобили чума – 10 адад<br>Автомашинаи санитарӣ– 1 адад |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавчуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маълумот пешниҳод нашудааст | | |

| Хадамоти энергетикӣ | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 106 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-66 1 адад<br>Автомашинаи УАЗ -1адад<br>Трактор Т-40 – 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10кв - 3 адад<br>Зеристгоҳи 35/0,4 кв-90 адад<br><br>Хати интиқоли барқ:<br>35 кВ – 39,12 км<br>10 кВ – 481 км<br>0,4 кВ – 299,1- 15 км<br><br>Камарбанди эҳтиётӣ, панҷаҳо – 16 ҷуфт<br>Сӯзишворӣ – 2 тонна<br>Равғани техникӣ – 500 литр | Сими алюминии намуди:<br>А-50-250 кг<br>А – 35 – 70 кг<br>А – 70 – 40 кг<br>Изолятори ШФ -10кв -50 адад<br>Изолятори ТФ-20<br>50 адад<br>Изолятори ИПТ-160-0,4. 4 адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН - 400А-30 дона<br>Изолятори ИП - 10кв<br>20 дона | Симҷӯбҳо – 300 дона<br>Сӯзишворӣ – 6 тонна<br>Равғани техникӣ – 1000 л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-10 – 20 воҳид<br>Миёнбанди эҳтиётӣ, панҷаҳо (когти) – 30 ҷуфт<br>Ноқили барқии А – 50 – 2 т<br>Трансформаторҳо -160кв -2 адад<br>Трансформаторҳо-250кв – 2 адад .<br>Ноқили АПВ-35-50-70 1000 м .<br>Фулузоти варақагӣ (Катанка) 50 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (Уголок) -63-63 700 кг<br>Электрод - 80 кг |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Мошинҳои ёрии таъҷилӣ - 2 адад | 20% аз эҳтиёҷоти маводҳои дорувории тиббӣ | МСМ (ГСМ) – 3 тонна<br>Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Муҳаррик (генератор) - 1 адад<br>Дефлиблирятор- 1 адад<br>Дизкамера-1адад<br>Дастгоҳи ИВЛ 6- 1адад<br>Хайма – 1 дона |

**Мушкилиҳои асосӣ оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табиӣ дар ноҳия**

- норасоии маблағҳои пулӣ дар буҷет барои:
- низоми огоҳсозӣ /эътинои офатҳои табиӣ;
- таъсиси системаи огоҳкунии пешакӣ;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи осебпазиртари ноҳия;
- самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ;
- мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хатарнок.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

***Низоми идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ.*** Идоракунии давлатии ноҳия аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад.

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси намояндагони халқ аз 30 нафар (аз ин 6 нафар зан) иборат мебошад. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷетҳои маҳаллиро тасдиқ карда, дар бораи иҷроиши онҳо ҳисоботро мешунаванд, барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимиятро гӯш мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 5 комиссияи дар зеромада ташкил шудаву фаъолият мебаранд:

- оид ба масоили қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ;
- оид ба масоили буҷет, сохтмон, саноат, нақлиёт ва хизматрасониҳои коммуналӣ;
- оид ба масоили сиёсати аграрӣ, озуқаворӣ, муҳофизати муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ;
- оид ба масоили ҳифзи иҷтимоӣ, соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, масъалаҳои ҷавонон ва ҳифзи оила;
- оид ба масоили одоби намояндагон.

Айни замон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ 47 нафар, ки 7 нафарашон занҳо мебошанд, фаъолият мекунанд. Сабаби асосии норасоии кадрҳо маоши паст, нокифоя будани дастгирии моддиву маънавии мутахассисон, ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ набудани шароитҳои меҳнат ва ғайраҳо мебошад.

Дар дастгоҳи иҷроияи намояндагӣ 15 нафар, ки 1 нафарашон зан аст, фаъолият мекунанд. Дар дастгоҳ 1 ҷои кори холӣ дар бахши ташкили кор бо кадрҳо мавҷуд аст.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳама шӯъбаҳо бо компютерҳо ҷиҳозонида шудаанд, иқтидори техникии мақомоти иҷроия: 19 компютер, 18 принтер ва 1 факс мебошад.

**Таъминоти буҷетиву молиявӣ**

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯрообод барои солҳои 2016-2020» дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети вилоят, буҷети маҳаллӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома;

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул маҳсуб меёбад. Аз ин бар меояд, ки дар ноҳия ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад. Таи солҳои 2012 – 2014 даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна тақрибан 18%-и қисми хароҷоти буҷетро пӯшонанд, ки дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад, ки дар се соли охир ба ҳисоби миёна 82%-и маблағи умумии хароҷотро ташкил дод.

*Сохтори даромад ва харочоти буҷети ноҳияи Шӯрообод дар давоми солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*




Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳамагӣ даромадҳои худи дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 16181,8 ҳазор сомониро ташкил дод. Ҳамзамон, дар ин давра ҳаҷми бақияи озод беш аз 1204,3 ҳазор сомониро ташкил дод. Соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 ҷамъи даромадҳо 37,2%, маблағҳои мақсаднок 49,7% ва ҳамагӣ даромадҳо 7,4% афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаи бақияи озод бошад 2 маротиба кам гардида, ҳамагӣ ба 0,53 фоизи нишондоди соли 2012 баробар гаштааст.

Дар сохтори қисмати даромадии буҷети ноҳия андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз амволи ғайриманқул ва андози ягона нақши махсус доранд.

*Таҳлили қисми даромади буҷети н. Шӯрообод дар солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ).*




| | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Даромади даромадхои гайриандози | 127,2 | 137,9 | 105,4 |
| Андози замин аз шахсони хукуки | 8,7 | 9,2 | 10,1 |
| Андози замин аз шахсони вокеи | 90,2 | 156 | 130,5 |
| Андоз аз фоида | 12,3 | 166,4 | 234,6 |
| Андоз аз истифодабарандагони роххои автомобилгард | 81,8 | 109,2 | 120,3 |
| Андоз бо усули содакардашуда | 90,3 | 246,8 | 626,3 |
| Бочи давлати | 56 | 77,5 | 89 |
| Андоз аз фуруши чакана | 66,5 | 0 | 0 |
| Андоз аз амволи гайриманкул | 101 | 65,6 | 306,2 |
| Андоз аз сохибони воситахои наклиёт | 124,6 | 213,9 | 268,5 |
| Андози ягона | 450 | 356,8 | 480 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 326,2 | 336,8 | 223,8 |
| Андози даромад аз шахсони вокеи | 1607,5 | 2792 | 3404 |

*Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи Шӯрообод дар соли 2014*




Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ташкил медиҳад. Дар соли 2014 ҳисссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 87,3 фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 54,5% ва 26,8%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

*Хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*



Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Шӯрообод аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо иборат мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2014 беш аз 81 фоизи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон равона гардидааст. Маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмир равонкардашуда 5,8 фоизро ташкил медиҳад ва барои сохтмони асосӣ маблағ пешбинӣ нашудааст, ки яке аз мушкилии асосӣ мебошад ва дар чунин ҳолат додан таъмини Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда аз имкон берун аст. Барои таъмини Барнома фазои сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

Дар самти мазкур дар панҷ соли оянда яке аз афзалиятҳои асосии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯрообод барои солҳои 2016-2020», ин зиёд намудани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ ва табдил додан аз ноҳияи субвенсионӣ ба ноҳияи донор мебошад. Ҷалб намудани тамоми воситаҳои имконпазири иловагии даромад ба буҷети маҳал, тавассути ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, бо истифода аз маблағҳои интиқолии муҳоҷирон метавонад вобастагии буҷети нохияро аз маблағҳои субвенсионӣ кам намояд.

Дар ҳолати беҳтар намудани шароит барои соҳибкорӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои воридшуда маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад сарчашмаи асосӣ дар таъмини Барномаи мазкур бошад.

**Кӯмаки беруна.** Дар ноҳия якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла БРСММ, Бунёди Оғохон, JICA, ҶДММ «Рушди Шӯрообод», «Кӯҳистони Даштиҷум», «Рушди Саричашма» ва МДҶ «Нуриддин Маҳмудов» фаъолиятҳои худро пеш мебаранд, ки барои рушди ноҳия саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шӯрообод лозим аст, ки истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории барои татбиқи Барномаи рушди ноҳия пешбинишударо, ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳад. Мутахассисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагӣ барои татбиқи чорабиниҳои пешбинигардида, таҷрибаи кофӣ доранд. Аз ин лиҳоз, онҳоро лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби воситаҳои молиявии иловагиро ба таври васеъ истифода ва татбиқ намоянд.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шӯрообод барои солҳои 2016-2020”, низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур, барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори бахши рушди иқтисод ва савдо, шахси масъул таъин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.** Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги индикаторҳои Барнома ва мониторинги раванди татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои БРН*** бо роҳи ченкунии индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои БРН-ро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза ҳадафҳои мақсадноки БРН ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи электронии маълумотҳои бахши омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар семоҳа гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути пур намудани ҷадвалҳои электронии бо формати Excel таҳия гардидаи мониторинги татбиқи лоиҳаҳои БРН, мониторинги индикаторҳои БРН ва ҷадвали ҷамъбастии шакли М1 ҳар семоҳа ба таври синхронӣ гузаронида мешавад ва ҷамъбасти он ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ирсол карда мешавад.

Ҳамасола ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

## Занҷири мантиқии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии н. Шӯрообод барои солҳои 2016-2020

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | |
| 1 | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 200 гектар заминҳо истифодаи усулҳои нави обёрикунӣ. | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 35 гектар заминҳо дар ҳудуди ҷамоати Шӯрообод | 340 | 340 | | | | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 2 | | | Бо мақсади пешбурди соҳаи чорводорӣ ва беҳтар намудани зоти чорво таъмин намудани хочагиҳои чорвопарварии ноҳия бо ваксинаҳо ва нутфаҳои ҳушсифат (қарори ҲҶТ №564 аз 5 декабри соли 2013) | 70 | 70 | | | | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 3 | | | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 25 гектар заминҳои ҳудуди чамоати Доғистон | 220 | | 220 | | | | Буҷети вилоятӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 4 | | | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 28 гектар заминҳо дар ҳудуди ҷамоати Чаган | 140 | | | | 140 | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 5 | | | Ба гардиши кишоварзи ворид намудани 42 гектар заминҳои боир дар ҳудуди ҷамоати Саричашма | 260 | | | | | 260 | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 6 | | | Барқарорсозии 2 агрегати пойгоҳи обкашии сохили дарёи Панч ва насб намудани 2 адад агрегатҳои нави обкаш дар чамоати Нуридин Махмудов | 620 | | | | | | Номуайян | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 7 | | | Кофтани чоҳи амуди (2 адад) дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Шурообод барои обёрии 22 гектар замин | 230 | 100 | 130 | | | | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 8 | | | Кофтани 3 чоҳи амуди бо максади беҳтар намудани ҳолати таъминоти оби полезии 52 гектар заминҳо дар ҳудуди тамоми ҷамоатҳои ноҳияи Шурообод | 440 | | | | 200 | 240 | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 9 | | | Ташкил намудани низоми обёрии қатраги барои обтаъминкунии 16,3 гектар замин дар чамоати Лангардара | 260 | | | 60 | 200 | | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 10 | | | Обёрии заминҳо тавассути сохтани чоҳҳо дар ҷамоатҳои Шӯрообод ва Доғистон барои рушди соҳаи картошкапарварӣ | 480 | | | | | 480 | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | | | Беҳтар гардонидани ҳолати 478 гектар заминҳо дар ҷ. Шӯрообод, Догистон, Чагам, Нуридин Махмудов, Саричашма ва Даштиҷум | 1650 | | | 50 | 600 | 1000 | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 12 | | | Сохтмони бинои маъмурӣ ва лабораторияи байторӣ | 600 | 600 | | | | | Бучети ҷумхуриявӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 13 | | | Сохтмони пул ва роҳҳо барои дастрасӣ ба заминҳои кишоварзӣ дар ҷ. Шӯрообод, Чагам, Лангардара, Нуридин Махмудов ва Саричашма | 1200 | | | | | | Номуайян | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 14 | | | Таъминоти 14 адад теҳникаи кишоварзӣ (тракторҳои МТЗ) ва таҷҳизотҳои зарури аз ҳисоби лоиҳаи рушди чарогоҳҳо | 2170 | | | | | 2170 | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 15 | | | Ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани малакаи аъзоёни ҳ/д оид ба масъалаҳои маркетинг ва агробизнес, андозбандӣ, дастрасии қарзҳои имтиёзнок барои рушди чорводорӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева ва сабзавот). | 20 | | | | | 20 | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 16 | | | Ташкили нуқтаи ҳизматрасонии теҳникаи кишоварзӣ, таъминоти СРМ, тухмиҳо, нуриҳои минералӣ ва қисмҳои эҳтиётии теҳникаи кишоварзӣ дар ноҳияи Шурообод | 420 | | | | 420 | | Сохибкорон | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 17 | | | Ташкил намудани фермаи чорвои калони шохдор барои 50 сар чорво ва коркарди маҳсулоти ширӣ дар ҳудуди нохия | 680 | | | | 680 | | Соҳибкорон | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 18 | | | Соҳтмони бинои маъмурии шуъбаи кишоварзӣ дар маркази ноҳияи Шурообод | 230 | | 230 | | | | Бучети ҷумхуриявӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 19 | | | Соҳтани чукурии Бекер 4 адад дар ч/д Шуробод, Догистон, Махмудов, Чаган | 60 | | | | 60 | | Сармояи хориҷӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 20 | | | Таъсис додани стансияҳои бойдоркунии сунъии чорво ва клиникаи бойтори дар ҷамоатҳои деҳоти Шуробод, Догистон, Махмудов, Чаган , Саричашма | 120 | | | | | 120 | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| | | | Хамаги дар сохаи кишоварзи | 10210 | 1110 | 580 | 110 | 2300 | 4290 | | |
| | | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 1240 | 1010 | 230 | | | | | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Буҷети вилоятӣ | 220 | | 220 | | | | | |
| | | | Сармояи хориҷӣ | 5570 | 100 | 130 | 110 | 1060 | 4170 | | |
| | | | Маблағхои худии сохибкорон, ахолӣ, х/д, ташкилоту муассисахо | 1360 | | | | 1240 | 120 | | |
| | | | Номуайян | 1820 | | | | | | | |
| **Саноат ва соҳибкории хурду миёна** | | | | | | | | | | | |
| 21 | Мусоидат намудан ба рушди соҳибкории хурду миёна | Ҷалб намудани бештари соҳибкорон ба рушди иқтисодиёти ноҳия | Бунёди коргоҳи коркарди шир дар ҷамоати Саричашма ва Шурообод | 400 | 400 | | | | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 22 | | | Сохтмони корхонаи истеҳсоли хишт дар маркази нохияи Шурообод | 1200 | 1200 | | | | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 23 | | | Сохтмони боғча-яслӣ дар ҷамоати Шурообод ва Саричашма | 2600 | | | 2000 | | 600 | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 24 | | | Сохтмони коргоҳи масолехи бинокори (сементблок, пеноблок, газобетон) дар ноҳияи Шурообод | 1900 | | | 1900 | | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 25 | | | Бунёди фермаи чорводорӣ дар ҷамоати деҳоти Саричашма | 600 | | | | 600 | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 26 | | | Бунёд намудани коргоҳи хурди консерваи меваю сабзавот дар ҷамоати деҳоти Шурообод, Догистон | 720 | 520 | 200 | | | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 27 | | | Бунёди НБО-и хурд дар ҷамоати деҳоти Даштичум (бо иктидори 120 Квт) | 400 | 400 | | | | | Сармояи хоричӣ | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 28 | | | Сохтмони нуктаи фурӯши сузишвори ва гази моеъ дар ҷамоати деҳоти Нуридин Махмудов | 545 | | 545 | | | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 29 | | | Сохтмони маркази тичоратӣ, нуктаи фурӯши сузишвори ва гази моеъ, нуктаи таъмир ва шустушуи мошинҳо дар ҷамоати деҳоти Догистон ва Чагам | 690 | | | 390 | | 300 | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 30 | | | Соҳтмони нуктаи ҳушкашуи ва толори зебой, маркази ҳизматрасонӣ дар ҷамоати Шурообод | 377 | | 377 | | | | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 31 | | | Сохтмони ошҳона ва маркази тичоратию ҳизматрасонӣ дар ҷамоати деҳоти Шурообод | 1215 | | | 400 | 415 | 400 | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| 32 | | | Бунёд намудани сеҳи истеҳсоли хишти пухта дар ноҳияи Шурообод | 1265 | | | 500 | 500 | 265 | Соҳибкорон ва х/д | МИХД-и ноҳияи Шурообод |
| | | | Хамаги дар баҳши саноат ва соҳибкории ҳурду миёна | 11912 | 2520 | 1122 | 5190 | 1515 | 1565 | | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | | | | | | | | |
| | | | *Буҷети вилоятӣ* | | | | | | | | |
| | | | *Сармояи хориҷӣ* | 400 | 400 | | | | | | |
| | | | *Маблағхои худии сохибкорон, ахолӣ, х/д, ташкилоту муассисахо* | 11512 | 2120 | 1122 | 5190 | 1515 | 1565 | | |
| | | | **Сохтмон** | | | | | | | | |
| 33 | Ба талаботи шаҳрсозӣ мутобиқ намудани маркази ноҳия ва марказҳои ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | Сохтмони инфрасохтори ба талаботҳои муосир ҷавобгӯй | Сохтмони хонаҳои истиқоматии 2 ошёнаи 24 ҳуҷрадор дар маркази нохия | 2500 | | | | 2500 | | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 34 | | | Сохтмони варзишгоҳи маркази ноҳия, дорои 5000 ҷойи нишаст дар маркази нохия | 8000 | 7200 | 400 | 400 | | | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 35 | | | Сохтмони бинои матбаа ва тачҳизонидани он бо тачҳизоти муосир | 800 | | | | 800 | | Сохибкорон | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 36 | | | Сохтмони бинои нави китобхонаи маркази ноҳияи Шуроободд | 1000 | | | | 500 | 500 | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 37 | | | Сохтмони касри фарҳанг барои 400 чойи нишаст дар ноҳияи Шурообод | 8500 | 8500 | | | | | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 38 | | | Сохтмони бинои шӯъбаи маорифи ноҳияи Шуроободд | 1400 | | 700 | 700 | | | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 39 | | | Сохтмони бинои стансияи назорати санитарию беҳдошти (СЭС) дар ноҳияи Шурообод | 550 | | | | 550 | | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 40 | | | Сохтмони бинои нави мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шурообод | 10000 | | 5000 | 5000 | | | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 41 | | | Сохтмони бинои агентии нафака ва сугуртаи ичтимоии дар ноҳияи Шурообод | 750 | | | | 750 | | Бучети ҷумҳуриявй | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| 42 | | | Сохтмони манзилҳои истикоматӣ дар маҳаллаҳои навбунёди ноҳияи Шурообод | 16000 | 3000 | 3000 | 3000 | 3000 | 4000 | Ахолӣ | МИҳД-и ноҳияи Шурообод |
| | | | *Хамагӣ дар бахши сохтмон* | 49500 | 18700 | 9100 | 9100 | 8100 | 4500 | | |
| | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | 32700 | 15700 | 6100 | 6100 | 4300 | 500 | | |
| | | | *Маблағҳои худии соҳибкорон, ахолӣ, х/д, ташкилоту муассисаҳо* | 16800 | 3000 | 3000 | 3000 | 3800 | 4000 | | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Замимаи 2. Занҷири мантиқии соҳаи иҷтимоӣ.** | | | | | | | | | | | |
| **Маориф** | | | | | | | | | | | |
| 43 | *Беҳтар намудани фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ* | *Беҳтар намудани дастрасии хонандагон ба инфрасохтори аввалиндараҷаи таълимӣ* | *Бунёди МТУА дар деҳаи Сафедоби Болои ҷамоати деҳоти Шурообод барои 120 ҷойи нишаст* | 300 | | 100 | 100 | 100 | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 44 | | | *Бунёди МТМУ дар деҳаи Деҳдарозаки ҷамоати деҳоти Чагам барои 120 ҷойи нишаст* | 300 | 100 | 200 | | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 45 | | | *Бунёди МТМУ дар деҳаи Қавоқи ҷамоати деҳоти Сарichашма барои 240 ҷойи нишаст* | 1000 | 200 | 400 | 400 | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 46 | | | *Бунёди МТМУ дар деҳаи Ҳоҷидараи ҷамоати деҳоти Даштиҷум барои 240 ҷойи нишаст* | 1000 | 200 | 400 | 400 | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 47 | | | *Бунёди МТ УА дар деҳаи Дурахшони ҷамоати деҳоти Лангардара барои 240 ҷойи нишаст* | 1500 | 200 | 400 | 600 | 300 | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 48 | | | *Бунёди МТМУ дар деҳаи Яхшои ҷамоати деҳоти Лангардара барои 240 ҷойи нишаст* | 1500 | | 200 | 400 | 500 | 400 | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 49 | | | *Бунёди МТМУ дар деҳаи Шоҳони ҷамоати деҳоти Даштиҷум барои 240 ҷойи нишаст* | 1500 | 300 | 400 | 500 | 300 | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 50 | | | *Бунёди МТМУ дар деҳаи Чагами ҷамоати деҳоти Чагам барои 320 ҷойи нишаст* | 2450 | 350 | 600 | 800 | 400 | 300 | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 51 | | | *Бунёди МТМУ дар деҳаи Шаҳрибарбари ҷамоати деҳоти Доғистон барои 320 ҷойи нишаст* | 2450 | 350 | 600 | 800 | 400 | 300 | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 52 | | | *Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №2 деҳаи Куҳдомани ҷамоати деҳоти Шурообод барои 120 ҷойи нишаст* | 350 | | 100 | 100 | 150 | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Вазорати маориф ва илм* |
| 53 | | | *Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №7 деҳаи Дараи оби ҷамоати деҳоти Доғистон барои 120 ҷойи нишаст* | 350 | | 100 | 150 | 100 | | *Сармояи хориҷӣ* | |
| 54 | | | *Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №12 деҳаи Кишти ҷамоати деҳоти ба номи Н. Маҳмудов барои 120 ҷойи нишаст* | 350 | | 50 | 100 | 100 | 100 | *Сармояи хориҷӣ* | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 55 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №14 деҳаи Хирманҷои ҷамоати деҳоти ба номи Н Маҳмудов барои 120 ҷойи нишаст | 350 | | 50 | 100 | 100 | 100 | Сармояи хориҷӣ | |
| 56 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №35 деҳаи Порвори ҷамоати деҳоти ба номи Н Маҳмудов барои 120 ҷойи нишаст | 350 | | 50 | 100 | 100 | 100 | Сармояи хориҷӣ | |
| 57 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №38 деҳаи Саримарғзори ҷамоати деҳоти ба номи Н Маҳмудов барои 120 ҷойи нишаст | 350 | | 50 | 50 | 100 | 150 | Сармояи хориҷӣ | |
| 58 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТУА №13 деҳаи Минатуки ҷамоати деҳоти Даштиҷум барои 120 ҷойи нишаст | 350 | 50 | 100 | 100 | 100 | | Сармояи хориҷӣ | |
| 59 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №18 деҳаи Даштиҷуми ҷамоати деҳоти Даштиҷум барои 120 ҷойи нишаст | 350 | 50 | 100 | 100 | 100 | | Сармояи хориҷӣ | |
| 60 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №40 деҳаи Руи каши ҷамоати деҳоти Даштиҷум барои 120 ҷойи нишаст | 350 | | 100 | 100 | 100 | 50 | Сармояи хориҷӣ | |
| 61 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТИ №51 деҳаи Сангунели ҷамоати деҳоти Даштиҷум барои 120 ҷойи нишаст | 350 | | 100 | 100 | 100 | 50 | Сармояи хориҷӣ | |
| 62 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №36 деҳаи Лангари ҷамоати деҳоти Лангардара барои 120 ҷойи нишаст | 350 | | 100 | 100 | 100 | 50 | Ахолӣ ва Сохибкорон | |
| 63 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №50 деҳаи Новои ҷамоати деҳоти Лангардара барои 120 ҷойи нишаст | 350 | 50 | 100 | 100 | 50 | 50 | Ахолӣ ва Сохибкорон | |
| 64 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №53 деҳаи Бақодараи ҷамоати деҳоти Лангардара барои 120 ҷойи нишаст | 350 | 50 | 100 | 100 | 50 | 50 | Ахолӣ ва Сохибкорон | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 65 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №32 деҳаи Деҳи Қозии ҷамоати деҳоти Саричашма барои 120 ҷойи нишаст | 350 | 50 | 100 | 100 | 50 | 50 | Ахолӣ ва Сохибкорон | |
| 66 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №49 деҳаи Мирзоалии ҷамоати деҳоти Саричашма барои 120 ҷойи нишаст | 350 | 50 | 100 | 100 | 50 | 50 | Ахолӣ ва Сохибкорон | |
| 67 | | | Бунёди 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТУА №46 деҳаи Дараи Эмоми ҷамоати деҳоти Доғистон барои 120 ҷойи нишаст | 350 | 50 | 100 | 150 | 50 | | Ахолӣ ва Сохибкорон | |
| 68 | | | Бунёди муассисаи томактабӣ дар деҳаи Саричашмаи ҷамоати деҳоти Саричашма барои фарогирии 60 нафар кӯдак | 1000 | 200 | 350 | 450 | | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати маориф ва илм |
| 69 | | | Бунёди муассисаи томактабӣ дар деҳаи Шурообода ҷамоати деҳоти Шурообод барои фарогирии 60 нафар кӯдак | 1000 | 200 | 350 | 450 | | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати маориф ва илм |
| 70 | | | Бунёди маркази таҳсилоти иловагӣ барои 120 ҷойи нишаст | 1000 | | 250 | 400 | 350 | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати маориф ва илм |
| 71 | | | Бунёди идораи маъмурии Шӯъбаи маорифи ноҳия | 1500 | 400 | 1100 | | | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати маориф ва илм |
| | | | Ҳамагӣ | 22100 | 2850 | 6750 | 6950 | 3750 | 1800 | | |
| | | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 16850 | 2500 | 5450 | 5400 | 2500 | 1000 | | |
| | | | Маблағҳои худии корхонаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорон | 2100 | 250 | 600 | 650 | 350 | 250 | | |
| | | | Сармояи хориҷӣ | 3150 | 100 | 700 | 900 | 900 | 550 | | |
| **Тандурустӣ** | | | | | | | | | | | |
| 72 | Беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ | Баланд намудани сифати дастрасии аҳоли ба хизматрасониҳои тиббӣ | Бунёди Шӯъбаи ёрии таъҷилӣ ва қабулгоҳ дар назди БМН | 1300 | | 300 | 500 | 500 | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати тандурустӣ |
| 73 | | | Сохтмони иморатҳои ёрирасон дар назди БМН (шустушӯйхона, ошхона, анборҳои нигоҳдории маводҳои хӯрокворӣ) | 1000 | 150 | 250 | 200 | 200 | 200 | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати тандурустӣ |
| 74 | | | Сохтмони бинои хунгузаронӣ дар БМН | 130 | | | 130 | | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати тандурустӣ |
| 75 | | | Бунёди Шӯъбаи бемориҳои амрози даруна барои 20 кат | 2000 | | 300 | 1000 | 700 | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати тандурустӣ |
| 76 | | | Таъмири асосии Маркази мубориза бар зидди бемориҳои сили ноҳия | 1000 | | 300 | 300 | 300 | 100 | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати тандурустӣ |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Масъулин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 77 | | | Таъмири асосии Шӯъбаи кӯдакона, амрози даруна ва сироятии беморхонаи рақамии 1 ҷамоати деҳоти Саричашма | 500 | 250 | 250 | | | | Буҷети вилоятӣ | |
| 78 | | | Таҷдиди хатти оби нӯшокии беморхонаи рақамии 1 ва МСД и ҷамоати деҳоти Саричашма | 500 | | 200 | 300 | | | Номуайян | |
| 79 | | | Таъмири асосии беморхонаи рақамии 2 ҷамоати деҳоти Доғистон | 500 | 100 | 200 | 200 | | | Номуайян | |
| 80 | | | Бунёди беморхонаи қитъавӣ дар ҷамоати деҳоти Лангардара барои 20 кат | 1200 | | 200 | 500 | 300 | 200 | Номуайян | |
| 81 | | | Харидорӣ намудани автомашинаҳои махсус ва ёрии таъҷилӣ, катҳои бистарӣ ва мебели тиббӣ | 400 | | 50 | 150 | 100 | 100 | Номуайян | |
| 82 | | | Бунёди идораи маъмурии муҳосибот, кадрҳо ва толори маҷлис (барои 150 нафар) | 1200 | 600 | 600 | | | | Бучети ҷумҳуриявӣ | Вазорати тандурустӣ |
